ИҚДОМИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ с. 2

ИМТИЁЗ БА МАНСАБДОРОН ВА ЗИНДОНИЁН с. 4

КИШВАРИ «ҲУШЁРТАРИН» ДАР ИДМ с. 3

ТОҶИКИСТОН

№3 (1668), 21.01.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! Оғози нашр соли 1992



АЗ САЙЁҲӢ ТО ЗЕҲНИ СУНЪӢ



Самтҳои нави ҳамкорӣ дар суҳбати **Шариф Ҳамдампур** бо Сафири Ҳиндустон **Раҷеш Уике**

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «БУЛЬВАР СКАНДИНАВИЯ»

Sebiston

кӯч. Панҷрӯд, маҳ. 91/92

› **Маҷмаа аз рӯйи лоиҳаи скандинавӣ - тарҳи мухтасар, фасадҳои равшан ва ҳавлиҳои бароҳат сохта мешавад.**

› **Маҷмаа дар марҳилаи аввали сохтмон қарор дошта, бунёди он бомаром идома меёбад.**

› **Сохтмон 3 сол идома меёбад.**

› **Барои харидорон пешпардохти қулай вуҷуд дорад, интихоби табъи дили худро барои зиндагии бароҳат имрӯз кунед.**

Телефони шуъбаи фурӯш:
(+992) 122-122-122



ДАР ИН ШУМОРА:

«ЧОР ТЕРРОРИСТ»
Дар марзи Тоҷикистону Афғонистон чӣ мегузарад? с.3

ОЗМАНДИЁН ДАР ДУШАНБЕ
Аз сирри муваффақият то рушди шахсият ва тиҷорат с.7

МАСКАВ
Бозгашти зодаи Тоҷикистон с.13

ДАЪВАТИ ТРАМП
Тоқаев онро пазируфт с.4

МАНУЭЛ МИКАЛЛЕР
Бо Тоҷикистон хайрбод гуфт с.5

ТОҶИКИСТОН
Яке аз 5 харидорони Оби ҷави Русия с.3

ВАРЗИШ
Тоҷикистон дар байни 100 дастаи беҳтарини ҷаҳон с.15

КАНЗИ ШИФО
5 душмани вирус с.14

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР, Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

Матлубахон САТТОРИЁН, Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шералӣ КАБИР, Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА, президенти АМИТ, академик

Муҷибахон ҶАВҲАРӢ, раиси Кумита оид ба масъалаҳои ичтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилбар ОДИЛЗОДА, муовини раиси шаҳри Душанбе

Заробиддин ҚОСИМӢ, Сардори ҳадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА, Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

Носирҷон САЛИМӢ, академик

Гулсифат ШАҲИДӢ, нависанда

Рафоэл НЕКТАЛОВ, Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

Иноят ИНОЯТОВ, ҳуқуқшинос

Одил НОЗИР, муҳаррир

Усмон РАҲИМЗОДА, муҳаррири сомонаи pressa.tj

Фирдавс САТТОРОВ, Саҳифабанд

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» таалуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.

ИҚДОМИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ

Бунёди Маҷмааи эҳёи хотираи таърихӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ дар Душанбе



13-уми январ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо як зумра бостоншиносон, таърихнигорон, фарҳангшиносон ва намояндагони илму адаб вохӯрӣ намуданд. Дар мулоқот масъалаи бунёди Маҷмааи эҳёи хотираи таърихӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ дар шаҳри Душанбе мавриди муҳокима қарор гирифт.

Бо мақсади таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ, ҳифз ва тавсеаи ҳувияти миллӣ, арҷгузорӣ ба таърихи пурифтихор ва мероси ғании маънавию фарҳангии халқи тоҷик, инчунин бузургдошти хизматҳои абармардони роҳи илму адаб, сиёсату давлатдорӣ ва муборизаҳои озодихоҳонаи миллат дар тӯли асрҳо, Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо диди амиқи таърихӣ ва эҳсоси масъулияти баланди миллӣ иқдоми навбатии созанда, фарҳангӣ ва сарнавиштсозро пешниҳод намуданд. Ин ташаббус, ки аҳамияти бузурги сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маънавӣ дорад, идомаи мантиқии сиёсати хирадмандона, дурандешона ва фарҳангпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳсуб ёфта, дар шароити мураккаби ҷаҳони муосир ҳамчун посухи хирадмандона ба зарурати ҳифзи пояҳои маънавӣ, таърихӣ ва тамаддунии миллат зуҳур менамояд.

Моҳияти ин иқдом аз он иборат аст, ки бо арҷгузорӣ ва эҳтироми амиқ ба шахсиятҳои таърихсоз, дар пойтахти ҷумҳурӣ - шаҳри Душанбе Маҷмааи таърихию фарҳангии эҳёи хотираи таърихӣ ва таҳкими ҳувияти миллӣ таъсис дода шуда, ҳоки мазори бузургони халқи тоҷик, ки имрӯз оромгоҳҳои онҳо дар гӯшаҳои гуногуни ҷаҳон қарор доранд, ба пойтахти ҷумҳурӣ оварда мешавад ва инчунин оромгоҳи бузургоне, ки дар қаламрави мамлакат ҳастанд, бо тарҳи нав бозсозӣ мешаванд. Ин бузургон дар даврaҳои мухталифи таърих бо андеша, қалам, ҷоннисорӣ, сиёсати хирадмандона ва муборизаҳои сарнавиштсоз барои бақо, озодӣ, истиқлол ва шарафи миллати тоҷик хизматҳои беназир анҷом додаанд. Бо овардани ҳоки мазори онҳо дар шаҳри Душанбе бунёди як Маҷмааи бузурги таърихию фарҳангӣ пешбинӣ мегардад, ки дар доираи он мақбараҳои рамзии ин шахсиятҳои барҷаста сохта мешаванд. Ин мақбараҳои рамзӣ ҳамчун нишони ҳузури маънавии бузургони миллат дар қалби давлату ҷомеа хизмат намуда, хотираи таърихиро дар як фазои воҳид гирд меоранд.

Маҷмааи таърихию фарҳангии пешбинишуда на танҳо як иншооти меъморӣ, балки як фазои рамзӣ ва маънавии миллӣ хоҳад буд, ки дар он гузашта, имрӯз ва ояндаи миллати тоҷик ба ҳам мепайванданд. Мақбараҳои рамзии бузургони миллат, ки ҳоки мазори онҳо аз давлатҳои гуногуни ҷаҳон оварда мешавад, ба зиёратгоҳи умумихалқӣ табдил меёбанд. Ин макон ҷои зиёрати мардум, макони андеша, ибрат ва худшиносӣ гардида, нишони равшани арҷгузорӣ ва эҳтироми хосаи давлат ва ҷомеа нисбат ба фарзандони бузурги миллат хоҳад шуд. Дар ин фазо эҳсоси ифтихор аз таърихи пуршараф, эҳтиром ба ҷоннисориҳои гузаштагон ва дарки масъулияти шахрвандӣ барои ояндаи давлату миллат тақвият меёбад.


Аз нигоҳи мантиқ ва аҳамияти таърихӣ, ин ташаббус идомаи табиии суннатҳои давлатдории тоҷикон ба ҳисоб меравад. Дар тӯли таърих, тоҷикон ҳамеша ба бузургони худ арҷ мегузоштанд, хотираи онҳоро ҳифз менамуданд ва аз таҷрибаи таърихӣ ҳамчун сарчашмаи ҳикмат истифода мекарданд.

Дар шароити имрӯза, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ, бархӯрди фарҳангҳо ва таҳдидҳои маънавию иттилоотӣ шиддат гирифтаанд, эҳёи хотираи таърихӣ ва гиромидошти шахсиятҳои миллӣ аҳамияти дучанд пайдо мекунад ва бунёди чунин маҷмаа ҳамчун як сипари маънавӣ хизмат намуда, ҳувияти миллиро аз фаромӯшшавӣ, таҳриф ва бегонашавӣ ҳифз менамояд.

Дар ин замина бояд махсус таъкид кард, ки ин иқдоми созанда ва фарҳангӣ аз ҷониби Рустами Эмомалӣ ҳамчун пайрави асили сиёсати хирадмандона, фарҳангпарварона ва дурбинонаи Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ мегардад.

(Давомаш дар саҳ. 5)

САРИ САБЗ



Нигина АМОНҚУЛОВА,
Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон

- Ҳангоме якбора машҳур мешавӣ ва ногоҳҳои зиёд сӯи туст, вақте пулдор мешавӣ, хоҳ-нохоҳ, дар одам тағйирот дида мешавад. Лекин ман то ҳол ҳам ҳамон Нигинаи пешинаам. Ҳунар бароям як туҳфаи Илоҳист ва кӯшиш мекунам мағрур набошам.

- Хуб мекунед, ки ҳамин тасмимро мустаҳкам доштаед ва ба мағрурӣ роҳ намедиҳед. Вагарна, одамеро ҳам дидем, ки дар авҷи сархушӣ аз шуҳрат ҳатто пули ба сараш пошидаро поймол кард...



Толиби ЛУҚМОН,
муовини аввали раиси ИНТ

- Шеър мисли дӯшизаи пурнозу нуз аст. Агар ба ӯ таваҷҷуҳи доимӣ надошта бошӣ, қаҳр мекунаду рӯй мегардонад. Дар соли гузашта чунин қаҳру оштиҳоро зиёд таҷриба кардам. Вале ба ҳар ҳол, шукр, ки ин дӯшизаи малакутӣ бо ман аст.

- Ваҳҳ, оқибати ин ошкорбаёниятон ба хайр шавад! Ошкор кардани "дӯшизагӣ"-и шеър мабодо дигар таваҷҷуҳмандонро ҳам мисли табиб Бахтиёр Шоҳев шефта кардаву ба домони шеър накашад!?



Марҷон ФИРӮЗӢ,
табиби эндокринолог

- Забони англисӣ барои ман қариб мисли забони модарӣ аст, зеро аз кӯдакӣ ба омӯзиши он шуруъ кардаам. Ин барои ман як такони бисёр хуб буд, зеро аз синни хурдӣ метавонистам аз филмҳо ва маводи англисӣ истифода барам.

- Баёнатон аз ҳадди иғроқ нагузашт магар, дӯсти азиз? Ягон забони дигар барои ягон тоҷик ҳатто қариб мисли забони модарӣ нахоҳад буд. Агар фақат манфиати шахсиятонро дар назар дошта бошед, ин гапи дигар.

«ЧОР ТЕРРОРИСТ» ДАР САРҲАД

Дар марзи Тоҷикистону Афғонистон чӣ мегузарад?



Дар пайи як амалиёти мақомоти амниятӣ ва марзбонии Тоҷикистон “чор террорист”, ки сарҳади давлатиро шикаста, аз самти Афғонистон ворид шудаанд, нобуд карда шудаанд.

ИЗҲОРОТИ КДАМ

Дар ин бора изҳороти маркази матбуоти Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хабаргузории давлатии “Ховар” нашр шудааст.

“18-уми январи соли 2026, тахминан соати 00:30 дақиқа чор нафар аъзои ташкилоти террористӣ дар аломати сарҳадии 151/2, қаноти чапи минтақаи муҳофизатии дидбонгоҳи сарҳадии 7-уми “Хирманҷо”, Отряди сарҳадии “Ёл”, воқеъ дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин сарҳади давлатиро убур карда, аз деҳаи Дарбанда-ки вулусволии Хоҳони вилояти Бадахшони Афғонистон ба хоки Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шуданд”,- навиштааст ин ниҳод.

Таъкид шудааст, ки дар пайи андешидани чорабиниҳои оперативӣ- ҷустуҷӯии таъқибӣ мақсадноки ҷойгиршавии террористон дар ҳудуди Тоҷикистон муайян шуда, баъди ба амри сарҳадбонон оид ба таслим шудан итоат накардан ва муқовимати мусаллаҳона нишон додан, “чор террорист нобуд карда шудааст”.

Аз ҷои ҳодиса 3 автомати Калашников, 1 таппончаи навъи “Круз”, 6 тирдон, 183 тирҳои АК ва таппонча, 3 телефони мобилӣ, 1 ратсия, 1 қаиқ мусодира карда шудааст.

Ба навиштаи ин ниҳод, дар робита ба ин ҳодиса тибқи моддаҳои 179 (терроризм), 335 (ғайриқонунӣ гузаштан аз сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон), 195 (ғайриқонунӣ соҳиб шудан, ба дигарон додан, ба соҳибияти каси дигар додан, нигоҳ доштан, интиқол додан, гирифта гаштани силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда ва воситаҳои таркиш) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз шуда, тафтишот идома дорад.

ЭҲОДИ БЕСУБОТӢ

Мавриди зикр аст, ки дар ин авохир ин аввалин даргирӣ дар сарҳади Тоҷикистон ва Афғонистон нест. Аз ҷумла, шаби 23-юми декабри соли 2025 дар минтақаи муҳофизатии дидбонгоҳи сарҳадии №5-и "Боғ", Отряди сарҳадии 0341 "Сарчашма”-и ноҳияи Шамсиддин Шоҳин "се аъзои гурӯҳи террористӣ", ки сарҳадро убур карда, ба Тоҷикистон гузаштанд, аз сӯйи мақомоти Тоҷикистон нобуд карда шуданд.

Пештар аз ин, дар пайи ду ҳамлаи дигар дар рӯзҳои 26 ва 30-юми ноябр аз Афғонистон ба ноҳияҳои наздимарзии Тоҷикистон 5 шаҳрвандони Чин кушта ва панҷ нафари дигар захмӣ шуданд. Ин ҳамлаҳо аввал ба бошишгоҳи як ширкати маъдантозакунӣ дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин ва баъдан ба як ширктаи роҳсозӣ дар ноҳияи Дарвоз сурат гирифтанд.

Тоҷикистон ин ҳамлаҳоро шадидан маҳкум карда, аз Толибон хоста буд, ки омилони онро дастгир кунанд. ВКХ-и ҳукумати Толибон гуфт, ки ҳамла тавассути гурӯҳҳое анҷом шудааст, ки ҳадафашон “эҳоди бесуботӣ ва беэътимодӣ миёни кишварҳои минтақа аст”.

ОГОҲИИ ЧИН ВА ВОКУНИШИ МУҶОҲИД

Дар пайи задухӯрдҳои ахир дар марзи Тоҷикистону Афғонистон, сафоратхонаҳои Чин дар ин ду кишвар аз чиниҳо хостаанд, ки аз сафар ба минтақаҳои наздимарзии Тоҷикистону Афғонистон худдорӣ кунанд. Дар ин бора аз Сафорати Чин дар Душанбе ба “Азия-Плюс” 20-уми январ хабар додаанд.

“Ҷониби Чин ҳамеша амнияти ҳаёт ва саломатии шаҳрвандони худро дар хориҷ аз кишвар дар ҷойи аввал қарор медиҳад. Дар вақтҳои охир вазъият дар минтақаи марзии Тоҷикистону Афғонистон мураккабу ҳассос шудааст. Бо дарназардошти зарурати воқеии ҳифзи амнияти шаҳрвандони Чин дар Тоҷикистон, сафоратхонаҳои Чин дар Тоҷикистону Афғонистон аз шаҳрвандони Чин даъват кардаанд, ки аз сафар ба ин минтақаҳо худдорӣ кунанд. Мо мутмаин ҳастем, ки вазъият дар марзи Тоҷикистону Афғонистон дар ниҳоят ба эътидол меояд”,- изҳор доштанд аз ин ниҳод.

Мақомоти Толибон ҳам ба даргирии марзи Тоҷикистон ва Афғонистон вокуниш кардааст. Забеҳуллоҳ Муҷоҳид, сухангӯи Толибон изҳори назар карда, вале аз сарҳадшиканҳои кушташуда чун “як гурӯҳ қочоқбарони маводи мухаддир” зикр кардааст.

Ӯ гуфтааст, талоши ин гурӯҳ барои интиқоли маводи мухаддир ба Тоҷикистон аз сӯйи марзбонони тоҷик хунсо шудааст.

Забеҳулло Муҷоҳид таъкид кардааст, ки “Афғонистон ба ноором шудани минтақаи марзӣ иҷозат намедиҳад”.

“Иморати исломӣ (яъне ҳукумати Толибон) ба Тоҷикистон итминон медиҳад, ки онҳое, ки кӯшиши сӯйистифода аз марзро мекунанд, иҷозати дар он ҷо мондарно надоранд. Нерӯҳои амниятии мо вазъиятро назорат мекунанд ва аз ҳар касе, ки ниятҳои ғайриқонунӣ дорад, пешгирӣ хоҳанд кард”,- гуфтааст Муҷоҳид.

ТАҲТИ НАЗОРАТ

Айни замон гуфта мешавад, ки вазъ дар сарҳад ором аст. Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр кардааст, ки ҳоло вазъият дар сарҳади давлатӣ таҳти назорат буда, “барои таъмини амнияти сарҳади давлатӣ минбаъд низ аз тамоми қувваю восита истифода намуда, ба сарҳадшиканон ҷавоби сазовори қонунӣ хоҳад дод”.

КИШВАРИ «ҲУШЁРТАРИН» ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ ВА ИДМ

Дар портали World Population Review феҳристи кишварҳое, ки он ҷо дар ҷаҳон аз ҳама бештар нӯшокиҳои спиртӣ менӯшанд ва кишварҳои "ҳушёртарин"-и ҷаҳон нашр шуд. Тоҷикистон ҳамчун яке аз кишварҳое дар фазои пасошуравӣ эътироф шуд, ки мардумаш кам менӯшанд.

Аз рӯи ҳаҷми истеъмоли машрубот кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва Марказӣ пешсаф мебошанд.

Дар садри ин рӯйхат Руминия қарор дорад (17,1 литр спирти холис ба ҳар нафар дар як сол). Пас аз он Гурҷистон (15,5 литр) ва Латвия (14,7 литр) ҷой гирифтаанд.

Дар миёни кишварҳои ИДМ аз рӯи сатҳи истеъмоли машрубот Молдова (14,1 литр), Беларус (11,4 литр) ва Русия (10,5 литр) пешсафанд.

Ба гуфтаи муаллифони гузориш, дар кишварҳои Осиёи Марказӣ бинобар анъанаҳои динии исломӣ мардум ба машрубот камтар майл доранд. Дар Қазоқистон 5,4 литр, дар Қирғизистон 3,9 литр ва дар Ӯзбекистон ҳамагӣ 2,1 литр истеъмол мешавад.

- Пасттарин нишондиҳандаҳо дар фазои пасошуравӣ дар Тоҷикистон (0,7 литр) ва Туркманистон (0,3 литр) ба қайд гирифта шудаанд,- омадааст дар гузориш.



Тоҷикистон яке аз 5 харидори асосии оби ҷави Русия

Дар ҳамин ҳол, хабаргузории “Интерфакс”-и Русия рӯзи 20-уми январ бо такя ба иттилои маркази “Агроэкспорт” навиштааст, ки ширкатҳои русӣ соли 2025 ба андозаи бештар аз 103 миллион доллар оби ҷав фурӯхтаанд, ки дар муқоиса ба соли 2024-ум 19 дар сад бештар аст.

Дар миёни харидорони асосии оби ҷави русӣ Беларус, Қазоқистон, Чин ва Қирғизистону Тоҷикистон будаанд. Се дар сади оби ҷави содиротии Русияро соли 2025 дар Тоҷикистон харидаанд.

Русияву Тоҷикистон ду шарики тиҷоратии наздик ҳастанд, вале маҳсулоти аслии воридотии Русия ба Тоҷикистон нафту газ мебошад.

“Саҳифаи ҷанг”-ро бастем!

Президенти Озарбойҷон Илҳом Алиев дар Форуми иқтисодии ҷаҳонии Давос эълон кард, ки Озарбойҷон ва Арманистон тасмим гирифтанд “саҳифаи ҷанг”-ро бубанданд.



«Озарбойҷон ва Арманистон тасмим гирифтанд, ки саҳифаи ҷангро пӯшанд. Давом додани ҷанг метавонад ба оқибатҳои хеле бад оварда расонад»,- гуфт ӯ.

- Алиев таъкид кардааст, ки ҳар ду ҷониб бояд натиҷаҳои ҳамзистии сулҳомезро бештар нишон диҳанд,- иттилоъ медиҳад агентии АЗЕРТОҶ.

«Ман хеле хушандеш ҳастам, зеро он чизе, ки мо ба даст овардем, воқеан барои Арманистон ва Озарбойҷон ва инчунин барои Қафқози Ҷанубӣ фоидаи бузург дорад»,- афзуд ӯ.

AZƏRTAC

Тимошенко боз суд шуд

Суде дар Киев қарор кард, ки Юлия Тимошенко, сарвазири собиқи Украина бар ивази пардохти 33 миллион гривен ё тақрибан 760 000 доллар гаравпулӣ дар озодӣ бимонад. Додситон як миллион доллар талаб карда буд.




Тимошенко дар додани ришва ё имтиёз ба вакилони парлумони Украина бар ивази овоздиҳӣ ба тарҳҳои муайяни қонун гумонбар дониста мешавад. Ҳукми додгоҳ рӯзи 16-уми январи соли 2026 эълон шуд. Тимошенко раҳбари ҳизби мухолифи “Баткившина” ва се карат номзад ба мақоми раёсати ҷумҳурӣ буд. Соли 2011 дар давраи президентии Виктор Янукович дар берун рафтан аз салоҳиятҳои худ ҳангоми имзои созишномаи газ бо Русия айбдор ва 7 сол зиндонӣ шуд. Соли 2014, баъди фирори Янукович аз Украина озод шуд.

РБК

АЗ СОЛОВЁВ ТО ДУГИН

Изҳороти зидди соҳибихтиёрии кишварҳои Осиёи Марказӣ





Файласуф ва таблиғгари рус, идеологи «Русский мир» Александр Дугин зидди соҳибихтиёрии кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон баромад намуд.

Дар мусоҳибае, ки чанде пеш нашр шудааст, Дугин дар бораи ташаккули «ҷаҳони сеқутба» ибрози назар кардааст. Ба гуфтаи ӯ, дар чунин низом Русия бояд ба «маркази қудрат» табдил ёфта, қаламравҳои атрофро зери назорати худ гирад.

«Ҳама чиз босуръат тағйир меёбад, аммо ҳадафи мо табдил ёфтан ба муҳимтарин маркази қудрат дар ин ҷаҳони сеқутба аст: соҳибихтиёр, озод, мустақил ва бузург. Ва ҳамаи қаламравҳое, ки мо онҳоро зери назорати худ намегирем, ба минтақаҳои бетараф табдил нахоҳанд ёфт, онҳо мисли Швейтсарияи орому хушоянд намешаванд»,- изҳор дошт ӯ.

Ба гуфтаи Дугин, қаламравҳое, ки зери назорати Русия қарор надоранд, ба пойгоҳҳои пешсафи ИМА, Иттиҳоди Аврупо ё Чин табдил меёбанд.

Дугин ҳамчунин изҳор дошт, ки давраи давлатҳои миллӣ «ба поён расидааст», ки дар асл соҳибихтиёрии ҷумҳуриҳои собиқи шуравиро инкор мекунад.

«Бо мавҷудияти Арманистони соҳибихтиёр, Гурҷистони соҳибихтиёр, Озарбойҷони соҳибихтиёр, Қазоқистони соҳибихтиёр, Ӯзбекистони соҳибихтиёр, Тоҷикистони соҳибихтиёр ва Қирғизистони соҳибихтиёр розӣ шудан мумкин нест. Дар ин модели нав ҳеҷ чиз соҳибихтиёр буда наметавонад. Тамом, соҳибихтиёрӣ ба охир расид, давлатҳои миллӣ ба гузашта тааллуқ доранд. Он мисли як партов аст»,- изҳор дошт ӯ.

Дугин борҳо барои дидгоҳҳои миллатгароёнаи шадид ва радикалиаш мавриди интиқод қарор гирифтааст. Бисёре аз муҳаққиқон ва ҳомиёни ҳуқуқи инсон ин дидгоҳҳоро фашистӣ ё наздик ба фашизм арзёбӣ мекунанд.

Ӯ бо даъватҳо ба истифодаи зӯр ва нобуд сохтани давлатҳои «душман», инчунин бо изҳороти зиддилибералӣ, зиддиғарбӣ ва зиддиукраинӣ маъруф аст. Тибқи иттилои Deutsche Welle, чанд сол боз ӯ дар Қазоқистон шахси номатлуб (persona non grata) эълон шудааст. Пештар таблиғгари дигари рус Владимир Соловёв изҳор дошта буд, ки Русия бояд «амалиёти махсуси ҳарбӣ»-ро на танҳо дар Украина, балки дар Арманистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ низ оғоз кунад ва инро «масъалаи таъмини амнияти миллӣ» номида буд.

Намояндаи расмии Вазорати корҳои хориҷии Русия Мария Захарова дар шарҳи суханони Соловёв гуфта буд, ки ин «назари шахсии ровии телевизион» аст ва мавқеи мақомоти расмиро инъикос намекунад.



ТОҚАЕВ ДАЪВАТИ ТРАМПРО ПАЗИРУФТ

Президенти ИМА Доналд Трамп ҳамтои қазоқистонии худ Қосим-Жомарт Тоқаевро ба узвият дар «Шурои сулҳ»-и идораи Навори Ғазза даъват карда, инчунин пешниҳод намудааст, ки Қазоқистон яке аз кишварҳои муассиси ин ниҳод гардад.

Дар ин бора котиби матбуотии президенти Қазоқистон Руслан Желдибай ба Tengrinews.kz хабар додааст.

Ба гуфтаи ӯ, Тоқаев ин пешниҳодро қабул кардааст.

«Пинҳон доштани далели дарёфти чунин мурочиати расмӣ аз президент Доналд Трамп пас аз як силсила изҳороти раҳбарони кишварҳо дуруст намебуд. Бале, президент Қосим-Жомарт Тоқаев яке аз аввалин раҳбарони ҷаҳон буд, ки даъвати расмӣ барои пайвастан ба “Шурои сулҳ” дарёфт кард ва Қазоқистон низ барои яке аз давлатҳои муассис гардидан даъват шуд. Дар посух, сарвари давлат ба президенти ИМА нома ирсол намуда, миннатдории самимӣ ва омодагии худро барои шомил шудан ба ин иттиҳодияи нав тасдиқ кард. Президент инчунин омодагии Қазоқистонро барои саҳм гузоштан дар расидан ба сулҳи пойдор дар Ховари Миёна, таҳкими эътимоди байнидавлатӣ ва суботи глобалӣ таъкид намуд»,- хабар дод Желдибай.

Дар бораи таъсиси «Шурои сулҳ» Доналд Трамп 16-уми январи соли 2026 эълон кард. Таъсиси ин ниҳод ҷузъи нақшаи сулҳи президенти ИМА барои Ғазза арзёбӣ шуда, ҳамзамон бо ҷойгиркунии нерӯҳои байналмилалӣ пешбинӣ шудааст.

Ҳамон рӯз ҳамчунин аз таъсиси нахустин кумитаи иҷроияи шуро хабар дода шуд. Ба ҳайати он котиби давлатии ИМА Марко Рубио, фиристодаи вижаи Трамп Стив Уиткофф, домоди президенти ИМА ва сармоягузор Ҷаред Кушнер, нахуствазири собиқи Британияи Кабир Тони Блэр, президенти Бонки ҷаҳонӣ Ачай Банга ва муовини мушовири амнияти миллии ИМА Роберт Гэбриел шомил шудаанд.

Дар расонаҳо аз даъвати Трамп ба дигар сарони кишварҳо, аз ҷумла сарварони Русия, Беларус, Ӯзбекистон ва дигар кишварҳо хабарҳо нашр шудаанд, вале ҳанӯз бисёре аз раҳбарони кишварҳо ба даъвати Трамп посухи аниқ надодаанд.

ИМТИЁЗ БА МАНСАБДОРОН ВА ЗИНДОНИЁН

Ба кормандони давлатӣ дар Ӯзбекистон барои мутолиаи китоб мукофотпулӣ дода мешавад. Дар ин бора Вазорати адлияи ин кишвар хабар додааст.

Ин иқдом бо қарори президент Шавқат Мирзиёев гирифта шудааст. Бино ба қарор “дар бораи тадбирҳои рушди фарҳанги китобхонӣ ва ҷалби таваҷҷуҳи мардум ба китоб", мақомоти Ӯзбекистон ният доранд, ки дар солҳои 2026-2030 шумораи миёнаи китобхои хондашударо барои ҳар як нафар ба даҳ адад расонанд.

Дар доираи ин барнома дар вазорату идораҳо сабқати китобхонӣ баргузор ва ба ғолиби озмун ба андозаи як маоши моҳонааш ҷоизапулӣ дода мешавад.

Ҳамчунин бо дастури раисҷумҳур то 1-уми апрел бояд тамоми корхонаҳои давлатӣ соҳиби гӯшаи китоб шаванд ва барои кормандон “соати китобхонӣ” ташкил кунанд.

Дар назар аст барои мактаббачаҳо ва донишҷӯёне ҳам, ки ба рӯйхати 100 китобхони беҳтарин шомил мешаванд, мукофоти пулӣ пешниҳод шавад. Ба донишомӯзон 856 доллар ҷоизапулӣ дода хоҳад шуд.

Президенти Ӯзбекистон ба қонуне имзо гузоштааст, ки бар асоси он ба маҳбусон ҳам имкон дода мешавад, то бо хондани китоб аз рӯйхати таҳияшуда муҳлати ҷазоро кам кунанд. Шахсоне, ки ба ҳабси абад маҳкум шудаанд, аз ин имтиёз маҳрум хоҳанд буд.

ИҚДОМИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ



(Аввалаш дар саҳ. 2)

Маҳз дар партави роҳнамоӣ ва таъкидҳои пайвастаи Пешвои миллат оид ба аҳамияти худшиносиву худогоҳии миллӣ, эҳёи хотираи таърихӣ, арҷгузорӣ ба бузургони миллат ва таҳкими пояҳои маънавии давлатдорӣ, чунин ташаббусҳои сарнавиштсоз шакл гирифта, ба марҳилаи татбиқ мерасанд. Ин иқдом далели равшани идомаи мактаби бузурги давлатдории миллӣ мебошад, ки Сарвари давлат онро дар тӯли даҳсолаҳо бунёд ва таҳким бахшидаанд.

Рустами Эмомалӣ бо ин ташаббус худро ҳамчун сиёсатмадори ҷавон, вале андешаманд, вориси мактаби бузурги давлатдории миллӣ ва пайрави содиқи арзишҳое муаррифӣ менамояд, ки Пешвои миллат дар меҳвари сиёсати давлатӣ қарор додаанд. Таваҷҷуҳ ба таърих, эҳтиром ба шахсиятҳои барҷаста, гирдоварии рамзии хотираи онҳо дар пойтахти ҷумҳурӣ ва табдил додани он ба як маркази маънавӣ паёми равшан ба ҷомеа ва махсусан ба насли ҷавон мебошад, ки миллати тоҷик бо таърихи худ ифтихор дорад, решаҳои худро мешиносад ва бар пояи ин худшиносӣ роҳи рушди устувор ва ояндаи дурахшонро интихоб мекунад.

Ин маҷмаа метавонад ба як маркази бузурги тарбиявӣ, маърифатӣ ва фарҳангӣ табдил биёбад. Дар ин макон баргузории чорабиниҳои илмӣ, конфронсҳои таърихию фарҳангӣ, ҳамоишҳои илмӣ, барномаҳои ватандӯстӣ ва вохӯриҳои насли ҷавон бо олимон ва аҳли зиё имконпазир мегардад. Барои ҷавонон, ин маҷмаа як мактаби зиндаи таърих хоҳад буд, ки дар он на танҳо аз китобҳо, балки аз фазои зиндаи рамзӣ дарси ватандӯстӣ, худогоҳӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ гирифта мешавад. Ҳамин тариқ, ин ташаббус на танҳо ба гузашта нигаронида шудааст, балки ба ояндаи давлатдории миллӣ ва таҳкими пояҳои маънавии ҷомеа равона гардидааст.

Аҳамияти иҷтимоӣ ва сиёсии ин иқдом дар он низ зоҳир мегардад, ки он эҳсоси ҳамбастагӣ ва пайванди наслҳоро тақвият мебахшад. Вақте ки шаҳрвандон дар як макони рамзӣ хотираи бузургони миллатро эҳтиром мекунанд, ҳисси умумияти сарнавишт, масъулият ва ифтихори миллӣ боз ҳам қавитар мегардад. Ин ташаббус нишон медиҳад, ки давлат ба арзишҳои маънавӣ ва таърихӣ, ҳамчун пояи устувори рушди устувор, суботи иҷтимоӣ ва пешрафти ҷомеа менигарад. Эҳтиром ба гузашта дар ин ҷо ҳамчун шарти асосии сохтани ояндаи дурахшон муаррифӣ мешавад.

Аз лиҳози меъморӣ ва фарҳангӣ, маҷмаа бо истифода аз меъёрҳои муосир ва дар ҳамбастагӣ бо унсурҳои анъанавии фарҳанги тоҷикӣ бунёд хоҳад шуд. Дар он рамзҳои тамаддуни ориёӣ, унсурҳои ҳунари миллӣ, санъати кандакорӣ ва муҳити сабзу ором барои андеша ва тафаккур ҷой хоҳанд дошт. Ин маҷмаа метавонад ба яке аз рамзҳои нави фарҳангиву маънавии Душанбе табдил ёфта, симои пойтахтро ҳамчун маркази таърих, фарҳанг ва худшиносии миллӣ боз ҳам мустаҳкам созад.

Эҳтиром ва арҷгузорӣ ба гузаштагони бузурги миллат дар сарнавишти таърихии тоҷикон танҳо як расм ё ойини иҷтимоӣ набуда, балки рукни аслии худшиносии миллӣ ва пояи маънавии ҳастии онҳо маҳсуб меёбад. Миллати тоҷик дар тӯли асрҳо, новобаста аз фарозу нишебҳои таърих, муҳоҷиратҳо, фишорҳо ва шикастҳои сиёсӣ, хотираи фарзандони барӯманди худро ҳамчун чароғи роҳнамо ҳифз намуда, онро аз насл ба насл бо эҳтироми хоса интиқол додааст. Мазорҳо, оромгоҳҳо, номҳои ҷовидон ва ривоятҳои таърихӣ барои тоҷикон танҳо нишонаҳои гузашта нестанд, балки рамзи пайванди ҷонҳо, идомаи руҳи миллат ва шаҳодати зинда будани хотираи таърихӣ мебошанд. Дар ин хотира андеша, қалам, ҷоннисорӣ ва хиради бузургони миллат ҳамчун амонати муқаддас нигоҳ дошта шудааст.

Маҳз дар ҳамин замина, иқдоми шаҳрдори шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ чун идомаи равшани ин суннати ҳазорсола зуҳур мекунад. Ӯ бо диди амиқи таърихӣ ва эҳсоси масъулияти баланди миллӣ эҳёи хотираи бузургони миллатро ба як амали рамзии давлатдорӣ табдил медиҳад. Ин иқдом на танҳо гиромидошти гузашта, балки эҳёи руҳи миллат дар фазои имрӯз аст. Бо гирд овардани рамзии хотираи фарзандони барӯманди миллат дар пойтахт, як навъ муколамаи хомӯши наслҳо сурат мегирад, ки дар он гузашта ба имрӯз сухан мегӯяд ва имрӯз ба оянда пайғом мефиристад. Ин муколамаи таърихӣ ба ҷомеа мефаҳмонад, ки миллате, ки ба гузашта эҳтиром мегузорад, ҳеҷ гоҳ роҳгум намешавад.

Дар ин иқдом Душанбе ба қалби зиндаи хотираи миллӣ табдил меёбад - маконе, ки дар он оромиши мазор бо тапиши ҳаёти муосир пайванд мехӯрад. Ҳузури рамзии бузургони миллат дар фазои пойтахт ба ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ, бахусус ба ҷавонон, хотиррасон месозад, ки озодӣ, истиқлол, давлатдорӣ ва фарҳанги миллӣ натиҷаи фидокорӣ, ҷоннисорӣ ва хиради садсолаҳо мебошанд. Ин эҳсос дар зеҳни насли нав худшиносии амиқ, ифтихори таърихӣ ва масъулияти ахлоқӣ барои идомаи роҳи миллатро бедор месозад.

Ҳамин тариқ, Рустами Эмомалӣ бо идомаи фарҳанги арҷгузорӣ ба гузаштагон на танҳо суннати ниёгонро зинда медоранд, балки онро бо талаботи замони муосир ҳамоҳанг намуда, ба як рукни устувори сиёсати фарҳангӣ ва маънавии давлат табдил медиҳанд. Ин иқдом нишон медиҳад, ки дар ҷомеае, ки ба хотираи таърихӣ ҳамчун сарвати муқаддас муносибат мекунад, оянда аз гузашта ҷудо нест, имрӯз бе реша намемонад ва фардо бар пояи маънавияти устувор бунёд мегардад. Эҳтиром ба гузашта дар ин раванд ҳамчун нури роҳнамо хизмат намуда, роҳи давлатдорӣ, худшиносии миллӣ ва рушди устувори ҷомеаро равшан месозад.

Дар маҷмуъ, иқдоми навбатии Рустами Эмомалӣ, ки дар партави сиёсати хирадмандона ва роҳнамоии Пешвои миллат амалӣ мегардад, ҳамчун қадами таърихӣ, созанда ва фарҳангофар дар роҳи таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ҳувияти миллӣ арзёбӣ мешавад. Ин ташаббус далели равшани пайвасти амиқи гузашта, имрӯз ва ояндаи миллати тоҷик буда, нишони арҷгузории хоса ба бузургони таърих ва ҳамзамон ифодаи садоқат ба арзишҳое мебошад, ки Пешвои миллат дар меҳвари сиёсати давлатдории миллӣ қарор додаанд. Халқи Тоҷикистон ин иқдоми созандаро бо эҳсоси ифтихор ва қаноатмандӣ истиқбол намуда, онро рамзи идомаи мактаби давлатдории миллӣ, фарҳанги худшиносӣ ва эҳтироми таърих медонанд.

Ҳамин тавр, ин иқдоми созанда, фарҳангӣ ва таърихие, ки Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба роҳ монданд, ба таҳкими худшиносиву худогоҳии миллӣ заминаи устувор мегузорад ва он на танҳо як тарҳи меъморӣ ё ташаббуси фарҳангӣ, балки як андешаи амиқи фалсафии миллӣ аст, ки аз иртиботи ношикастании инсон бо замон, миллат бо хотира ва давлат бо маънавият шаҳодат медиҳад. Миллате, ки ба гузашта бо эҳтиром менигарад, имрӯзро бо хирад месозад ва ояндаро бо итминон истиқбол мекунад. Дар ин раванд, эҳёи хотираи бузургони миллат ҳамчун пули маънавӣ байни дирӯз, имрӯз ва фардо хизмат намуда, руҳи давлатдориро бо нафаси таърих зинда нигоҳ медорад. Ин ташаббус ба ҷомеа мефаҳмонад, ки истиқлол танҳо ҳудуд ё қудрат нест, балки масъулияти ахлоқӣ, вафо ба решаҳо ва идомаи рисолати таърихист. Ҳангоме ки хотираи гузаштагон дар қалби пойтахт ва дар шуури миллат ҷой мегирад, давлат қавитар, ҷомеа устувортар ва роҳи оянда равшантар мегардад. Зеро дар замине, ки хотира зинда аст, миллат гум намешавад ва дар миллате, ки худшиносӣ бедор аст, фардо ҳамеша маъно дорад.

Академик Фарҳод РАҲИМӢ,
раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

АНҶОМИ ФАЪОЛИЯТИ МИКАЛЛЕР ДАР ДУШАНБЕ

Мануэл Микаллер, сафири Амрико дар Тоҷикистон баъди анҷоми маъмурияти дипломатии худ бо мардуми Тоҷикистон хайрухуш кард.

Ӯ зимни як паём аз самимият ва меҳмоннавозии мардуми тоҷик изҳори сипос намуда, таъкид кардааст, ки рӯҳияи устувор ва саховатмандии онҳо умедро ба оянда дар қалбаш зинда нигоҳ медорад.

Сафири Амрико дар охир бо қироати ду мисраъ шеъри тоҷикӣ бо Тоҷикистон хайрухуш кард:

Боз омадан зи рафтани
хуршед дур нест,
Гар зиндагист, дида ба
дидор мерасад.

Мануэл Микаллер моҳи декабри соли 2022 ба ҳайси сафири ИМА дар Тоҷикистон таъин шуда буд ва дар давраи фаъолияташ ба рушди муносибатҳои дуҷониба миёни Душанбе ва Вашингтон саҳм гузошт.

8 МУОВИНИ РАИС ДАР ХАТЛОН ИВАЗ ШУДАНД

Дар шаҳру ноҳияҳои Левакант, Ҷалолиддини Балхӣ, Шаҳритус, Ёвон, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Балҷувон таъиноти кадрӣ сурат гирифт. Дар мувофиқа бо Президенти кишвар ва бо пешниҳоди раиси вилояти Хатлон дар шаҳру ноҳияҳои номбурда мутахассисони ҷавон ба вазифаи муовини раис таъин шуданд:

- Чиллазода Холаҳмади Қарахон, *муовини якуми раиси шаҳри Левакант;*

- Хоҷазода Амиралӣ Хоҷа, *муовини якуми раиси ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ;*

- Шерализода Искандар Шералӣ, *муовини якуми раиси ноҳияи Ҷайҳун;*

- Баротзода Шарифхон Маҳмадхон, *муовини раиси шаҳри Левакант;*

- Маҷидзода Фотима Бухорӣ, *муовини раиси ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ;*

- Аҳлиддини Абдуҷалил, *муовини раиси ноҳияи Шаҳритус;*

- Юсуфзода Изатулло Абдулло, *муовини раиси ноҳияи Балҷувон;*

- Шарифзода Рустам Сангимурод, *муовини раиси ноҳияи Ёвон.*

ҶОИЗАИ ҶАҲОНИИ ДОНИШМАНДОНИ ТОҶИК

НАХУСТИН ҶОИЗАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ БЕДИЛИ ДЕҲЛАВӢ БА АБДУНАБӢ САТТОРЗОДА



Дар Шашумин урси байналмилалии Бедили Деҳлавӣ, ки дар шаҳри Теҳрон - пойтахти Ҷумҳурии исломии Эрон баргузор шуд, донишманди тоҷик, узви Фарҳангистони забону адаби форсӣ, профессор Абдунабӣ Сатторзода бо нахустин Ҷоизаи байналмилалии Бедили Деҳлавӣ сарфароз гардонида шуд.

Урси байналмилалии Бедили Деҳлавӣ як ҳамоиши бонуфузи илмӣ аст, ки ҳамасола дар Теҳрон бо ҳузури донишмандони адабпажӯҳ аз кишварҳои форсизабон баргузор мешавад. Шашумин даври ин ҳамоиш 21-22 даймоҳи соли 1404 (баробар бо 11-12-уми январи соли 2026) дар Теҳрон баргузор шуд.

Соҳиби ҷоиза шудани Абдунабӣ Сатторзодаро Бунёди байналмилалии Бедил хабар дода, навиштааст, ки ҳамчунин дар ин ҳамоиши байналмилалӣ дар баробари Абдунабӣ Сатторзода ду донишманди дигар барои саҳми арзандаашон дар рушди илми адабиётшиносӣ ва таълифоти мондагорашон дар заминаи адабиёти форсии тоҷикӣ бо нахустин Ҷоизаи байналмилалии Бедили Деҳлавӣ сарфароз гардиданд. Инҳо профессор Шариф Ҳусайнӣ Қосимӣ аз Ҳиндустон ва профессор Орифи Навшоҳӣ аз Ҷумҳурии исломии Покистон ҳастанд.

ҶОИЗАИ ҶАҲОНӢ БАРОИ БОНУВОНИ ДОНИШМАНД БА ЗАМИРА ҒАФФОРӢ




Профессори Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров Замира Ғаффорӣ дар чаҳорчӯби Шашумин урси байналмилалии Бедили Деҳлавӣ бо "Ҷоизаи чаҳонӣ барои бонувони донишманд" сарфароз гардонида шуд.

Ин ҷоиза аз ҷониби "Конуни нашри фарҳанги исломии Кошон"-и Ҷумҳурии исломии Эрон барои бонувони баргузида ва таъсиргузор дар адабиёт ва фарҳангу хунар дар ҷаҳони ислом муқаррар шудааст. Соли 2025 шоири маъруфи Ҷумҳурии исломии Покистон нахустин бор ба гирифтани ин ҷоиза сарфароз гардида буд. Дар соли 2026 ба гирифтани "Ҷоизаи чаҳонӣ барои бонувони донишманд" доктори илмҳои филологӣ, профессор Замира Ғаффорӣ шарафёб гардид. Ҷоизаи мазкур ба профессор Замира Ғаффорӣ барои таҳқиқоти чандинсолаи густардааш дар заминаи адабиёти форсизабони Ҳинд ва нашри китобҳои "Ҷониби Ҳиндустон ояд ҳаме", "Таърихи адабиёти форсӣ дар Кашмир дар қарнҳои 16-17", "Ҷамолии Деҳлавӣ ва маснавии "Меҳр ва Моҳ"-и ӯ", "Каламот-уш-шуаро" ва "Сафинаи Хушгӯ" ҳамчун сарчашмаи нақду сухансанҷӣ" ва вежаномаи ба Замира Ғаффорӣ ихтисосдодаи мачаллаи "Қанди порсӣ", ки ба хати форсӣ дар сарзамини Ҳинд ба табъ расидаанд, дода шуд. Ҷоизаи мазкурро санаи 14-уми январ гурӯҳе аз аҳли фазлу адаби Кошон бо сарварии раиси "Конуни нашри фарҳанги исломии Кошон" ҷаноби Мударрисзода дар Теҳрон ба профессор Замира Ғаффорӣ супориданд.

(Идома аз шумораҳои гузашта)

Ҷамъияти паштунҳо дар Афғонистон ҳудуди 5 миллион ва дар Покистон ҳудуди 10 миллион нафар буд. Ин амр натиҷаи тақдиди назари хутути марзӣ дар соли 1893 миёни марзҳои Афғонистон ва Ҳинд (Покистон ва Афғонистони кунунӣ), маъруф ба марзи Дюранд, аз сӯи Ҳенрӣ Дюранд, намояндаи Британиё ва Амир Абдурраҳмон, ҳокими афғон буд. Нуктаи дувум «ворид шудани CIA ба Афғонистон буд»; дар он бози замонӣ ҳар гуна рӯёрӯии мустақими абарқудратҳо, монанди CIA ва КГБ, дорои паёмадҳои ҷиддӣ барои тарафайн буд. Нуктаи севум ва муҳимтарини он, ки мо дар



бораи ин марди ҷавони афғон дар Панҷшер бисёр шунида будем; бар хилофи Созмони CIA, хадамоти иттилоотии Британиё маҳзурияте барои вуруд ба Афғонистон надошт, аммо, назири «ҳар амалиёти иттилоотӣ бояд муҷаввизи сиёсии марбута барои ҳар маъмур дарёфт мекард, CIA натавонист ба Масъуд дар Панҷшер бирасад. Мо метавонистем бо ин кор саҳми муҳим ва мутамойизе дар ҳимояти ҷараёни муҷоҳидин ифо кунем».

Дар ибтидо, афсари MI6, ки барои ёфтани «Наполеони афғон» ба Покистон фиристода шуда буд, бояд итминон ҳосил мекард, ки ӯ ҳамоне аст, ки ба дунболаш ҳастанд. Барои расади дақиқи ҷанг, англисҳо

АЗ КИТОБИ:

НАПОЛЕОНИ АФҒОНИСТОН

аз тариқи дастгоҳи шунуди Ситоди кулли иртибототи давлат, ки масъули ҷамъоварии иттилооти ҷангӣ буд, радди муколамаҳои русҳоро пайгирӣ карданд. Афсари MI6 гуфт: «Ин мард ба ман часпанда буд ва омодаи анҷоми кор буд ва бинобар ин - ман фикр мекунам шумо метавонед бигӯед - ман ӯро интихоб кардаам". Ҳадаф ин буд, ки то он ҷо ки мешавад, корро барои Шуравӣ сахт кард ва аз афроде, ки моро дар ин ҳадаф кумак мекарданд, ҳимоят кунем». Британиёиҳо ишора карда буданд, ки Масъуд контроли дараи Панҷшерро бар уҳда дорад ва нерӯҳои давлатиро аз бахши аъзами дара берун рондааст ва гоҳ-гоҳе воҳидҳоеро барои зарба ба мавзеъи русҳо эъзом мекунад. Уорнер бо назари фиристодаи худ мувофиқат кард: «Масъуд дар лаҳзаи нахуст афродеро, ки ба мулоқоти ӯ мерафтанд, таҳти таъсир қарор медод». Ӯ хотирнишон кард, ки Масъуд низ ба навбати худ мутаваҷҷеҳи ин фурсати тилоӣ шуд" ва метавон гуфт «ӯ омодаи дарёфти кумакҳои мо буд».

Бар хилофи усулҳое, ки дар давраи ҷанги сард ҳукмфармо буд, Уорнер тасмим гирифт аз марзи Афғонистон убур кунад ва Масъудро бубинад, то қонеъ шавад, ки афғонҳо медонанд вориди чӣ бозӣ шудаанд. Ҷиргаи кӯчаке дар як мактаб дар наздикии минтақаи марзӣ ташкил шуд; Уорнер макони дақиқи онро ба ёд намеовард.

Шояд ҳудуди панҷоҳ марди афғон, шомили се ё чаҳор марди бо ришҳои сафед, дар ҳаёти хокӣ нишаста буданд. Ман ба миёни онҳо рафтам ва гуфтам, ба ин ҷо омадаам, то ба шумо бигӯям, агар кумаке бихоҳед, метавонед аз мо бигиред ва мо омодаи ироаи ҳар навъ кумак ба шумо ҳастем. Ман мехостам мутмаин шавам, ки онҳо дарк кардаанд, ки агар мо ба онҳо кумак кунем, онҳо қодир ба идомаи ҷанг хоҳанд буд ва дар айни ҳол ба он маъност, ки теъдоди бештари ҷавонони онҳо кушта хоҳанд шуд. Ман бовар надоштам, ки онҳо қодир ба шикасти Шуравӣ бошанд ё ин ки Шуравӣ ба ин зудиҳо он ҷоро тарк кунад.

Ин мавзуъ марбут ба аввоили соли 1980 буд. Каме замзама карданд ва мусинтарин (солхӯрда) фарди гурӯҳ гуфт: «Лутфан ба ин оқо бигӯед, аз кумаки онҳо сипосгузор хоҳем буд, вале мо аз онҳо дархости кумак намекунем. Агар ӯ худ бихоҳад ба мо кумак кунад, хуб аст. Ҳамчунин ба ӯ бигӯед, ки нерӯҳои Шуравӣ Афғонистонро зарфи даҳ сол тарк хоҳанд кард".

Ин пешбинӣ чандон бад набуд, зеро дар ниҳоят русҳо Афғонистонро зарфи нуҳ сол тарк карданд; аммо ман мехостам мутмаин шавам, ки кори амрикоиҳоро дар Ветнам дар Афғонистон анҷом намедиҳам, афродеро тарғиб ба ҷанг кунем, ки қасди ҷанг надоранд; бинобар ин, вичдони мо, то он ҷо ки марбут ба мо мешавад, роҳат хоҳад буд. Дар воқеъ, ин ҳамон чизе буд, ки дӯсти мо Масъуд гуфт, вақте ба самти Панҷшер мерафт.

Дар ниҳоят тасмим гирифта шуд, ки Масъуд ҳамон мард бошад: (MI6 тасмим гирифт) Қасди анҷоми чӣ кореро дорем ва ба дигарон чӣ хоҳем гуфт; бинобар ин, барномае рехтем ва аз ӯ хостем биравад ва баррасӣ кунад ва бинад ба чӣ чизҳое ниёз дорад. Мо ин пешниҳодро бо лорд Карингтон, вазири корҳои хориҷӣ ва Маргарет Тэтчер, нахуствазир низ дар миён гузоштем. Алорағми ин ки мо набояд аз дигарон дархости ироаи силоҳ диҳем, онҳо пешниҳоди моро таъйид ва тасвиб карданд.

Гоми баъдии MI6, ки бо таъйиди Вазорати корҳои хориҷӣ сурат гирифт, эъзоми як тими кӯчак ба Афғонистон барои мулоқот бо Масъуд буд. Ин барнома ба хубӣ пеш рафт ва мо тавонистем кумакҳои қобили таваҷҷуҳ - барои мисол, бесимҳои масофаи кӯтоҳ ва теъдоде бесимҳои дурбурд - ба дасти Масъуд бирасонем. Мо ҳеҷ гоҳ силоҳҳои маргбор ба ӯ надодем. Бархе аз ҳамразмони наздик ба ӯро аз Афғонистон хориҷ карда ва дар яке аз кишварҳои ҳавзаи Халиҷи Форс ё Британиё омӯзиш додем. Бархе аз ин омӯзишҳо дар хонаҳои рустоӣ ва бо мушорикати моликони он анҷом шуд. Дар дигар мавориd, ин афрод дар урдугоҳҳои қадимии артиш мустақар шуданд.

(Давом дорад)

РОҲНАМО

АЛИРИЗО ОЗМАНДИЁН ДАР ДУШАНБЕ

Аз сирри муваффақият то рушди шахсият ва тиҷорат



Ҳафтаи гузашта доктор Алиризо Озмандиён, устоди маъруфи рушди тафаккур, бизнес ва яке аз шогирдони фалсафаи муваффақият - Ҷим Рон дар Душанбе меҳмон буд. 18-уми январ бо иштироки ӯ дар Филармонияи давлатии Тоҷикистон машғулияти омӯзишӣ баргузор шуд. Дар он беш аз 700 нафар тоҷирон, кормандони ширкатҳо, рӯзноманигорон, блогерон ва хоҳишмандон иштирок карданд. Ин машғулият бо ташаббуси Маркази "Хирад" баргузор шуд ва ҳадафи он баланд бардоштани фарҳанги худомӯзӣ, рушди шахсият ва мутобиқ шудан ба шароити нави иқтисодӣ буд.

АЗ ФАҚР ТО МУВАФФАҚИЯТ

Алиризо Озмандиён дар суханрониаш аз зиндагии шахсии худ ёдовар шуд. Ӯ гуфт, ки дар оилаи фақир ба дунё омада, дар хонаводаашон 9 фарзанд бузург мешуданд. Ба қавли ӯ, маҳз ҳамин шароит сабаб гардид, ки тасмим гирад зиндагии худро тағйир диҳад.

"Ман қабул накардам, ки фақр тақдири ман бошад. Талош кардам, омӯзиш гирифтам ва роҳи дигареро интихоб намудам",- гуфт номбурда.

Озмандиён таъкид кард, ки инсон метавонад сарнавишти худро дигар кунад, агар фикр, одат ва рафторашро тағйир диҳад.

Ба гуфтаи сухангӯ, дар зиндагӣ неъматҳои зиёде ҳастанд, аммо амният ва саломатӣ дар ҷойи аввал меистанд. Ӯ гуфт, ки инсон танҳо дар сурати доштани ин ду метавонад ба рушд, омӯзиш ва муваффақият бирасад.

ПОЯИ МУВАФФАҚИЯТ

Яке аз суханҳои асосии меҳварӣ дар машғулияти омӯзишии Озмандиён тафаккур буд. Ӯ гуфт, ки тарзи фикр зиндагии инсонро месозад. Яъне, фикри дуруст ва талош баҳри он ба муваффақият мерасонад. "Гузашта рафт, ояндаро бояд тарроҳӣ кард. Зиндагӣ он чиро бароят медиҳад, ки худ талаб мекунӣ",- таъкид дошт номбурда.

Ба гуфтаи Озмандиён, аксари одамони сарватманд ва муваффақ омӯзиш дидаанд ва пайваста худро такмил медиҳанд.

КАЛИДИ ТАҒЙИРИ ЗИНДАГӢ

Доктор Озмандиён дар бораи сохтани шахсият низ сухан гуфт ва уқобро ҳамчун рамз истифода бурд. Ба қавли ӯ, уқоб ҳамеша баландпарвоз аст, танҳо парвоз мекунад ва дурро мебинад. Инсон ҳам бояд чунин бошад:

- *худбовар;*
- *мустақил;*
- *ҷӯёи рушд;*
- *ҳамеша дар ҳаракат.*

Ӯ таъкид кард, ки роҳбарон зода намешаванд, балки бо омӯзиш ва тарбия сохта мешаванд.

Ба гуфтаи Озмандиён, то инсон тасмими дуруст нагирад, зиндагии дурустро намебинад. Ӯ афзуд, ки зиндагии инсонро, пеш аз ҳама шахсияташ месозад. "Шахсият иртибот барқарор мекунад, меомӯзад ва таъсир мегузорад",- таъкид дошт ӯ.

Доктор Алиризо Озмандиён дар ҷараёни машғулияти омӯзиши чандин бор ин байтро такрор кард:

Агар гӯӣ, ки битвонам,
қадам дарнеҳ, ки битвонӣ,
В-агар гӯӣ, ки натвонам,
бирав биншин, ки натвонӣ.

Ба гуфтаи ӯ, бовар ба худ қадами аввалини ҳар муваффақият аст.

ПОЯИ ЗИНДАГИИ БЕҲТАР

Доктор Алиризо Озмандиён аз ширкаткунандагон даъват ба амал оварда, ки одатҳои бадро канор гузошта, одатҳои хубро дар худ ташаккул диҳанд. Ӯ гуфт: "То ту тағйир накунӣ, зиндагият тағйир намекунад".

Ба назари ӯ, инсон ҳамеша метавонад зиндагии беҳтар дошта бошад, агар омӯзиш бинад, талош намояд ва инсони мутафовит бошад.

Алиризо Озмандиён зикр кард, ки барои расидан ба дастовардҳо ва эҷоди зиндагии зебо истифодаи "технологияи фикр" зарур аст. Ин технология тағйири шеваи тафаккур, боварҳо, эҳсосот ва сохтори зеҳниро дар бар мегирад.

"Инсон мавҷуди андешамеҳвар аст. Зиндагии ӯ гирди андешаҳояш давр мезанад",- гуфт ӯ.

Дар суханронӣ Озмандиён таъкид кард, ки рисолати инсон танҳо кор кардан нест, балки:

- зиндагӣ кардан;
- ишқ варзидан;
- маншаи таъсир будан.

Ба қавли ӯ, маҳз ҳамин рози муваффақият аст.

АЛИРИЗО ОЗМАНДИЁН КИСТ?

Алиризо Озмандиён эронии муқими Амрико аст. Ӯ дар соҳаи идоракунии тиҷорат дараҷаи докторӣ дорад. Бунёдгузори мактаби "Технологияи фикр" ва муаллифи консепсияҳои "Тафаккури қудратманд" ва "Менеҷменти тафаккур" мебошад. Беш аз 30 сол аст, ки дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон дар бораи рушди тиҷорат, ёфтани бозор ва рушди шахсият машғулиятҳои омӯзишӣ мегузаронад.

Усмон РАҲИМЗОДА



БО ДАЛЕЛ

ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН ДАР РАҚАМҲО

1. Соли 2025 ба Тоҷикистон ба маблағи 350 миллион доллар ғалладонагиҳо ворид шудааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2024 ба андозаи 30 миллион доллар бештар мебошад.

2. Ҳаҷми амонатҳо дар низоми бонкии Тоҷикистон ба ҳолати аввали декабри соли 2025 аз 31,7 миллиард сомонӣ гузашт, ки нисбат ба аввали соли 2024 тақрибан 6,7 миллиард сомонӣ зиёд аст.

3. Соли 2025 ширкати «Сомон Эйр» 1 миллиону 91 ҳазору 921 мусофирро интиқол додааст, ки нисбат ба соли қаблӣ 8,6 фоиз бештар аст.

4. Дар 10 моҳи соли 2025 аз Тоҷикистон ба Қазоқистон 9,4 ҳазор тонна ангур содирот шудааст. Ин ҳаҷм нисбат ба ҳамин давраи соли 2024-ум 9,7 фоиз камтар буда, маблағи содирот тақрибан 3 миллион долларро ташкил медиҳад.

5. Тоҷикистон содироти коло ба Қирғизистонро 19 баробар афзоиш дод, ки соли гузашта ба 9 млн доллар расид. Ин нишондиҳанда соли 2024-ум ҳамагӣ 475 ҳазор долларро ташкил дода буд.

6. То семоҳаи якуми соли 2026 лоиҳаи Барномаи нави саноатикунонии босуръати Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030 таҳия шуда, ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод мегардад.

МОЛИЯ

НАҚЛИЁТИ ҶАМЪИЯТИИ БАРҚӢ БА ХАТЛОН МЕОЯД

20-уми январи соли 2026 дар Вазорати молияи Тоҷикистон маросими имзои созишномаҳо бо Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд баргузор шуд.



Созишномаҳо барои марҳилаи 2-и лоиҳаи ҷорӣ намудани нақлиёти ҷамъиятии барқӣ дар вилояти Хатлон пешбинӣ гардидаанд.

Созишномаҳоро Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири молияи Тоҷикистон ва Холгер Вифел, намояндаи доимии EBRD дар Тоҷикистон имзо карданд. Зимни имзо раиси шаҳри Бохтар Абдулмаҷид Муминзод низ иштирок намуд.

Арзиши лоиҳа 10 миллион евро буда, аз он 6,4 миллион қарз ва 3,6 миллион грант мебошад. Лоиҳа ба хариди автобусҳои барқӣ, таҷҳизот, сохтмони майдонҳои таваққуфгоҳ ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии нақлиёти ҷамъиятӣ равона шудааст.

АЗ САЙЁҲӢ ТО ЗЕҲНИ СУНЪӢ

Самтҳои нави ҳамкорӣ дар суҳбати Шариф Ҳамдампур бо Раҷеш Уике

77 сол аст, ки 26-уми январ дар Ҳиндустон ҳамчун Рӯзи ҷумҳурӣ таҷлил карда мешавад. Дар остонаи ин ҷашн Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Ҳиндустон дар Тоҷикистон ҷаноби Раҷеш Уике меҳмони ҳафтаномаи "Тоҷикистон" шуд.



НАВОРИ СУҲБАТИ МАЗКУРРО ДАР ЮТУБ-КАНАЛИ PRESSA.TJ ТАМОШО КУНЕД!

АЗ РӮЗИ ҶУМҲУРИИ ҲИНДУСТОН ТО ШИНОХТИ ТОҶИКИСТОН

- Ҷаноби Раҷеш Уике, ба идораи ҳафтаномаи "Тоҷикистон" хуш омадед. Дар оғоз мехостам дар бораи Рӯзи Ҷумҳурии Ҳиндустон каме маълумот диҳед.

- Пеш аз ҳама, мехоҳам ба шумо, ки имрӯз маро дар идораи ҳафтаномаи "Тоҷикистон" ва медиахолдинги "ОИЛА" қабул намудед, изҳори сипос намоям. Ман бо хушнудӣ қайд мекунам, ки медиахолдини "ОИЛА" бузургтарин ташкилоти расонаӣ дар Тоҷикистон мебошад ва ҳузури хеле қавӣ дар майдони расонаҳои чопӣ ва электронӣ дорад.

Ман хеле хушҳолам, ки дар ин ҷо ҳузур дорам ва метавонам бо шумо дидгоҳҳои худро оид ба масъалаҳои гуногун мубодила намоям, аз ҷумла доир ба ҷашни Рӯзи Ҷумҳурии Ҳиндустон. 26-уми январи соли ҷорӣ мо 77-умин солгарди Рӯзи ҷумҳурии худро ҷашн мегирем. Ин рӯз ба соли 1950 рост меояд, замоне ки қонуни асосии мо қабул гардид. Тавре маълум аст, Ҳиндустон 15-уми августи соли 1947 истиқлол ба даст овард. Аммо Маҷлиси муассисон барои таҳияи Конститутсия дуюним сол вақт сарф намуд. Конститутсия ниҳоят 26-уми ноябри соли 1949 қабул шуд, вале аз 26-уми январи соли 1950 мавриди амал қарор гирифт. Аз ҳамон вақт инҷониб, ҳар сол мо 26-уми январро ҳамчун Рӯзи ҷумҳурии худ ҷашн мегирем.

Ин яке аз муҳимтарин ҷашнҳои миллии мо мебошад. Ин сана арҷ гузоштан ба демократия ва қудрати мардум аст. Аз ин рӯ, ин ҷашн аҳамияти махсус дорад. Дар ин рӯз мо гузаштагони худ, муборизони роҳи озодиро ба ёд меорем, ба онҳо эҳтиром мегузорем ва барои пешрафти кишвари худ талош меварзем.

- Шумо соли дуюм аст, ки дар Тоҷикистон ба ҳайси сафир фаъолият доред. Вазъи кунунии муносибатҳои Тоҷикистону Ҳиндустонро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?

- Тавре шумо медонед, кишварҳои мо дорои робитаҳои таърихиву тамаддунӣ мебошанд ва аз замонҳои қадим байни мо мубодилаи мардум, равобити қавии тиҷоратӣ ва иртиботи иқтисодӣ вуҷуд дошт. Мардуми ин минтақа аз Осиёи Марказӣ то Ҳиндустон ҳамеша бо якдигар дониш, ҳикмат ва таҷриба мубодила мекарданд ва бо ҳамдигар тиҷорат менамуданд. Аз ин рӯ, байни кишварҳои мо пайвандҳои устувори тамаддунӣ шакл гирифтаанд.

Бо такя ба ҳамин замина, пас аз он ки Тоҷикистон истиқлоли сиёсӣ ба даст овард, Ҳиндустон яке аз аввалин кишварҳо буд, ки онро ба расмият шинохт ва сафорати худро дар кишвар боз намуд. Аз ҳамон вақт инҷониб, мо дар равобити дуҷонибаи худ ба пешрафтҳои назаррас ноил гардидем.

Муносибатҳои дуҷонибаи мо фарогири самтҳои гуногун мебошанд, аз ҷумла равобити тиҷоратӣ, сармоягузорӣ, маориф, ҳамкориҳои технологӣ ва сайёҳӣ. Айни замон мо унсурҳои нави ҳамкориро низ ба ин равобит илова карда истодаем, то онҳоро ба замони муосир ҳамоҳанг созем.

ҲАМКОРӢ ДАР СОҲАИ ТАНДУРУСТӢ

- Дар шафати идораи рӯзномаи мо хобгоҳи донишҷӯёни Ҳиндустон чой гирифтааст. Қариб ҳамарӯза мо онҳоро мебинем ва ҳамроҳашон суҳбат мекунем. Аксари онҳо донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ҳастанд. Сабаб чист, ки таваҷҷуҳи донишҷӯёни ҳинд ба Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон зиёд аст?

- Тавре маълум аст, шаҳри Душанбе ҳанӯз аз замони Иттиҳоди Шуравӣ ҳамчун маркази муҳими таҳсилоти тиббӣ шинохта мешуд ва Донишгоҳи тиббии Душанбе дар тӯли солҳои зиёд нуфузи баланд дошт. Аз он рӯзгор то ба имрӯз гурӯҳ-гурӯҳ донишҷӯёни ҳинд ба ин ҷо омада, таҳсили тиббиро идома медиҳанд. Дар ин шаҳр наслҳои зиёди мутахассисони тиби Ҳиндустон ба воя расидаанд, ки натанҳо дар кишвари худ, балки дар саросари олам кору фаъолият доранд. Дар маҷмуъ, ҳар сол тақрибан 250 донишҷӯ аз Ҳиндустон барои таҳсил дар риштаи тиббӣ ба Тоҷикистон меоянд ва дар як соли таҳсил тақрибан 1400 донишҷӯи ҳинд дар Тоҷикистон таҳсил менамоянд.

- Тавре ишора намудед, донишҷӯёни Ҳиндустон солиёни зиёд аст, ки дар соҳаи тиб дар Тоҷикистон таҳсил мекунанд. Давоми таҳсил онҳо бо урфу одати мардуми тоҷик аз наздик шинос мешаванд. Оё имкон дорад, ки Ҳиндустон дар Тоҷикистон як бемористони пешрафтаеро таъсис диҳад, ки ба ҳамаи ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна хизмат расонад?

- Ин як пешниҳоди хеле хуб ва амалӣ мебошад. Аллакай чанд клиникаи ҳиндӣ бо ҳамтоёни тоҷики худ ҳамкорӣ доранд ва дар ин ҷо марказҳои ташхис таъсис додаанд. Инчунин, мутахассисони ҳиндӣ ба таври даврӣ ба ин марказҳо меоянд, то хизматрасониҳои худро пешниҳод намоянд.

Тавре шумо зикр намудед, Ҳиндустон ҳамоно яке аз самтҳои хеле маъруф барои сайёҳии тиббӣ ба ҳисоб меравад. Шумораи зиёди шаҳрвандони Тоҷикистон барои табобат ба шаҳрҳо ва беморхонаҳои гуногуни Ҳиндустон сафар мекунанд. Вале мо пешниҳоди шуморо боз ҳам амиқтар мавриди баррасӣ қарор медиҳем, ки бояд бо ҷалби сармоягузории Ҳиндустон дар Тоҷикистон клиникае таъсис дода шавад, ки табобати босифат дар худи кишвар аз ҷониби мутахассисони ҳиндӣ, инчунин дар ҳамкорӣ бо мутахассисони тоҷик пешниҳод гардад.

Ҳамзамон, мехоҳам қайд намоям, ки мо мутахассисони соҳаи тибро аз Тоҷикистон барои иштирок дар барномаҳои гуногуни омӯзишӣ ба муассисаҳои пешрафтаи тиббии Ҳиндустон мефиристем.

ҲАМКОРӢ ДАР СОҲАИ ЗЕҲНИ СУНЪӢ

- Ҷаноби сафир, шумо дар баробари дипломат будан, мутахассиси соҳаи мошинсозӣ ва зеҳни сунъӣ низ ҳастед. Бехтарин кормандони соҳаи IT дар дунё шаҳрвандони Ҳиндустон ҳастанд. Чанде пеш бо ташаббуси шумо як гурӯҳ журналистони тоҷик аз муассисаҳои технологияи IT дар Ҳиндустон дидан карданд. Ин соҳа дар Душанбе ҳам рӯ ба пешравӣ аст. Соли 2025 бо пешниҳоди Тоҷикистон Маҷмаи Умумии СММ қатъномаи махсусро зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ» қабул намуд, ки дар заминаи он Душанбе Маркази минтақавии зеҳни сунъӣ эътироф гардид. Дар ин самт Ҳиндустон бо Тоҷикистон чӣ гуна метавонад ҳамкорӣ кунад?

- Соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, инчунин технологияҳои навпайдо яке аз самтҳои асосии ҳамкориҳои дуҷонибаи мо ба ҳисоб меравад. Ман бо барномаи рушди миёнамуҳлати Ҳукумати Тоҷикистон то соли 2030 хуб ошно ҳастам ва аз таваҷҷуҳи ҷиддие, ки Ҳукумати Тоҷикистон ба рушди соҳаи IT медиҳад, сахт таассуроти мусбат гирифтаам.

Ҳукумати Тоҷикистон қарор қабул намудааст, ки дар назди Дастгоҳи Президент ниҳоди вежа дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ таъсис диҳад ва мо дар ин самт бо онҳо ҳамкории хеле зич дорем. Ҳамзамон, мо бо Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамкории фаъол дорем. Ҳукумати Тоҷикистон барои рушди ин соҳа барномаи хеле хуб ва мукаммал дорад.

Айни замон мехостам зикр намоям, ки Тоҷикистон ба роҳандозии ҳукумати электронӣ ва истифодаи зеҳни сунъӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисод таваҷҷуҳи зиёд медиҳад. Мо бо тамоми ҷонибҳои манфиатдор дар тамос ҳастем ва дар воқеъ дар муайян намудани самтҳои мушаххаси ҳамкорӣ ба пешрафтҳои назаррас ноил гардидаем. Аллакай чанд даври музокирот байни коршиносони ҳар ду ҷониб баргузор шудааст.

Илова бар ин, соли гузашта яке аз ширкатҳои ҳиндӣ ба Тоҷикистон ташриф оварда, шартнома оид ба таъсиси маркази додаҳо (data center)-ро ба имзо расонид. Ба эҳтимоли зиёд, ин нахустин маркази додаҳо дар Тоҷикистон хоҳад буд, ки пурра бо истифода аз энергияи сабз, яъне нерӯи барқи обӣ идора мешавад. Имлоиҳа на танҳо барои Тоҷикистон, балки барои тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ низ иқдоми муҳим хоҳад буд.

Айни ҳол равандҳои нав ва хеле умедбахш идома доранд, корҳои зиёди ояндадор анҷом дода мешаванд. Инчунин, моҳи оянда мо дар Ҳиндустон ҳамоиши байналмилалии зеҳни сунъӣ AI Impact Summit-ро баргузор хоҳем кард, ки дар он иштироки намояндагон аз Тоҷикистон низ пешбинӣ шудааст.

Мо ҳамзамон коршиносони техникӣ, мутахассисони соҳавӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдорро ташвиқ менамоем, ки ба Ҳиндустон сафар намуда, дар ин ҳамоиш иштирок кунанд ва музокироти пурмуҳтаво анҷом диҳанд. Ҳадаф муайян намудани лоиҳаҳои мушаххас барои оянда мебошад, то ҳамкориҳоро дар соҳаҳои зеҳни сунъӣ, идоракунии электронии давлатӣ ва технологияҳои навпайдо боз ҳам тақвият бахшем.

МОНЕА БАРОИ РУШДИ САЙЁҲӢ

- Ҳиндустон яке аз кишварҳои сайёҳӣ аст ва ин соҳа дар кишвари шумо хеле рушд кардааст. Оё таҷрибаи Ҳиндустон метавонад дар Тоҷикистон истифода шавад?

- Ҳукумати Ҳиндустон барои рушди сайёҳӣ - ҳам сайёҳии дохилӣ ва ҳам байналмилалӣ як қатор ташаббусҳоро роҳандозӣ намуда, дар натиҷа ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Шу-

мораи сайёҳони хориҷӣ, ки минтақаҳои гуногуни Ҳиндустонро барои саёҳат интихоб мекунанд, ба таври назаррас афзоиш ёфтааст, зеро Ҳиндустон кишвари пурҷозиба, бо таърихи зиёда аз 5000-сола ва тамаддуни қадима мебошад. Аз ин рӯ, Ҳиндустон ҳамеша барои сайёҳони байналмилалӣ ҷолиб боқӣ мемонад. Дар Тоҷикистон низ, ҳангоми муошират бо ҷонибҳои гуногуни манфиатдор, ман мебинам, ки ҳама аз иқтидори бузурги соҳаи сайёҳӣ огоҳанд. Танҳо масъалае, ки бояд бештар кор карда шавад, бехтар намудани логистика ва фароҳам овардани инфрасохтору шароити мувофиқ барои гурӯҳҳои гуногуни сайёҳон мебошад.

Дар минтақа аллакай намунаҳои хеле муваффақ мавҷуданд. Масалан, Ӯзбекистон ва Қазоқистон дар ҷалби сайёҳон, аз ҷумла сайёҳони ҳиндӣ, ба натиҷаҳои хуб ноил шудаанд. Барои мисол, Ӯзбекистон аллакай ҳар сол зиёда аз 100 ҳазор сайёҳи ҳиндиро қабул мекунад. Ба ҳамин монанд, шаҳри Алмаато низ ба як макони хеле маъруф табдил ёфтааст.

Мо аз нигоҳи ҷуғрофӣ дур нестем, масофаи парвоз аз Деҳлӣ то Душанбе тақрибан ду соатро ташкил медиҳад. Агар Тоҷикистон ба таври хуб муаррифӣ ва таблиғ карда шавад, шумораи зиёди сайёҳони ҳиндӣ, бахусус ҷавонон ба ин ҷо хоҳанд омад.

- Шумо фикр мекунед, ки монеаи асосӣ логистика аст?

- Бузургтарин мушкилоте, ки мо ҳам дар соҳаи сайёҳӣ ва ҳам дар соҳаи тиҷорат бо он рӯ ба рӯ ҳастем, норасоии пайвастагии нақлиётӣ мебошад. Мутаассифона, имрӯз мо дорои имкониятҳои хеле маҳдуди иртиботӣ ҳастем ва бо назардошти мавқеи ҷуғрофии худ, мо дастрасии мустақими нақлиёти рӯизаминӣ надорем. Дар натиҷа, мо асосан ба нақлиёти ҳавоӣ такя мекунем.

Мо дар ин самт фаъолона кор карда истодаем, то шумораи парвозҳоро зиёд намоем ва парвозҳои мустақими ҳавоиро на танҳо байни ду пойтахт, балки ҳамчунин байни дигар шаҳрҳо ба роҳ монем. Баъзе ширкатҳои ҳиндӣ низ изҳори таваҷҷуҳ намудаанд, ки мехоҳанд хатсайрҳои парвози худро аз Ню-Деҳлӣ ба Душанбе оғоз намоянд.

Агар шумораи хизматрасониҳои ҳавоӣ бештар гардад, нархи чиптаҳо барои сафарҳои дуҷониба дастрастар хоҳад шуд ва теъдоди сайёҳон ва мусофирон дар ҳар ду самт афзоиш меёбад. Аз ин рӯ, муҳимтарин вазифае, ки мо бояд якҷоя ҳал намоем, маҳз таъмини пайвастагии бештари ҳавоӣ мебошад.

- Кадом мавзеъҳо бештар сайёҳони ҳиндиро ба Тоҷикистон ҷалб карда метавонанд?

- Бо назардошти ҷуғрофияи Тоҷикистон, ки зиёда аз 93 фоизи қаламрави онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, ин кишвар метавонад як макони хеле ҷолиб барои гардишгарон бошад. Аз ҷумла, барои варзишҳои саёҳатӣ, ба мисли



сайругашт дар кӯҳҳо, кӯҳпаймоӣ ва варзишҳои зимистона. Яке аз сабабҳои асосии сафар кардани ҳиндуҳо ба Алмаато дар фасли зимистон маҳз машғул шудан ба варзишҳои зимистона мебошад. Аз ин рӯ, ин самтҳо метавонанд он бахшҳое бошанд, ки Тоҷикистон бо таваҷҷуҳи махсус ба онҳо метавонад шумораи бештари сайёҳони ҳиндиро ҷалб намояд.

АЗ ЗАБОНИ ФОРСӢ ТО ҚАДРШИНОСИИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ

- Чанде қабл забони форсӣ ба унвони яке аз забонҳои классикӣ ба сиёсати нави маорифи Ҳиндустон ворид карда шуд. Ин тасмим ба чӣ хотир гирифта шудааст?

- Дар Ҳиндустон як қатор забонҳо мақоми забони классикӣ гирифтаанд. Вақте ки ба ягон забон чунин мақом дода мешавад, ин маънои эътирофи расмии он забон, адабиёти он ва таъсири фарогири он ба анъана ва фарҳанги кишвари мо аст. Дар ҳамин росто, забони форсӣ низ ба сифати яке аз забонҳои классикии Ҳиндустон эътироф гардидааст.

Дар замони муосир низ анъанаи омӯзиш ва таҳсили забони форсӣ дар Ҳиндустон хеле қавӣ боқӣ мондааст. Иттиҳодияҳо ва созмонҳои гуногун фаъолият мекунанд, ки мунтазам семинарҳо, конфронсҳо ва симпозиумҳо баргузор намуда, мутахассисон ва донишмандони забони форсиро даъват мекунанд.

- Тибқи маълумотҳо, дар Ҳиндустон ҳудуди як миллион дастхат ба забони форсӣ мавҷуд аст. Оё имкони ҳамкории Тоҷикистон бо Ҳиндустон дар омӯзиш ва рақамисозии ин мероси нодир вуҷуд дорад?

- Бале, комилан дуруст қайд кардед. Дар гузашта мо омӯзгорон ва муҳаққиқони тоҷикро ташвиқ мекардем ва бархе аз онҳо худ хоҳиш мекарданд, ки ба Ҳиндустон сафар кунанд, то дар китобхонаҳои гуногун ба омӯзиш, таҳқиқ ва пайдо намудани дастхатҳо ва матнҳои аслии форсӣ-тоҷикӣ мурочиат намоянд. Мо ин ташаббусҳоро дастгирӣ мекунем.

Ҳамчунин, аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон, аз ҷумла аз Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои илмии кишар дархостҳо барои дарёфти нусхаҳои хаттӣ ба мо шудаанд. Мо ин дархостҳоро ҷонибдорӣ намудем ва нусхаҳоро дар ихтиёри онҳо қарор додем. Дар Ҳиндустон Ҳукумати кишвар ташаббуси рақамисозии ҳамаи дастхатҳоро роҳандозӣ намуд ва ин раванд аллакай пурра анҷом ёфтааст.

Аз ин рӯ, имрӯз мубодилаи нусхаҳои рақамии ин дастхатҳо бо донишмандон, муҳаққиқон, китобхонаҳо ва муассисаҳое, ки ба онҳо таваҷҷуҳ доранд, хеле осонтар гардидааст. Мо минбаъд низ ҳама гуна ташаббусҳо ва корҳои илмии аз ҷониби Тоҷикистон пешниҳодшударо, ки ба омӯзиши нусхаҳои хаттии Ҳиндустон равона шудааст, дастгирӣ мекунем.

- Дар шаҳри Душанбе нимпайкараҳои Маҳатма Гандӣ ва Робиндронат Такур гузошта шудаанд. Оё имкон дорад, ки ба яке аз дӯстони содиқи Ҳиндустон, дӯсти Индира Гандӣ Бобоҷон Ғафуров дар Ҳиндустон пайкара гузошта шавад?

- Ташаккури зиёд барои он ки ба ин нукта ишора намудед. Воқеан дар шаҳри Душанбе ду нимпайкараи шахсиятҳои миллии мо гузошта шудаанд. Мо ин эҳтиром ва иқдоми шоистаро аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти шаҳри Душанбе хеле баланд қадр менамоем ва аз он самимона миннатдорем.

Шумо комилан дуруст зикр намудед, ки Бобоҷон Ғафуров дар равобити кишварҳои мо нақши бисёр муҳим бозидааст. Ӯ дар Тоҷикистон анъанаи ҳиндушиносӣ ва омӯзиши фарҳанг ва таърихи Ҳиндустонро поягузорӣ намуд ва ин раванд на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар тамоми фазои шуравӣ густариш ёфт. Мо фаъолияти илмии ӯ, ҷустуҷӯҳои донишмандонааш ва нақши калидиеро, ки дар наздик сохтани мардумони ду кишвар бозидааст, амиқ эҳтиром мекунем.

Таҳқиқоти илмӣ ва осори ӯ арзиши ҷовидонӣ доранд ва то имрӯз барои наслҳои минбаъдаи донишмандоне, ки ба ҳиндушиносӣ машғуланд, манбаи илҳом боқӣ мемонанд. Пешниҳоди шумо барои таҳкими робитаҳои ду кишвар як андешаи сазовори татбиқ мебошад.

Ман айни ҳол огоҳ нестам, ки оё дар ин самт ягон пешниҳод ё ташаббуси расмӣ вуҷуд дорад ё не, аммо ният дорам ин масъаларо бо ҳамкоронам дар Ню-Деҳлӣ, аз ҷумла дар Вазорат баррасӣ намоям. Агар дар ин самт ягон пешниҳод ё тарҳ мавҷуд бошад, ба назари ман, бояд онро дар авлавият қарор дод ва бовар ҳосил намуд, ки мероси Бобоҷон Ғафуров дар Ҳиндустон низ ба таври шоиста қадрдонӣ гардад.

- Шумо ду сол аст, ки Сафири Ҳиндустон дар Тоҷикистон ҳастед. Дар ин давра кадом лоиҳаҳоро татбиқ намудед, ки имрӯз бо ифтихор аз он метавонед ҳарф занед?

- Мо як қатор самтҳои афзалиятнокро барои ҳамкории муштарак байни ду кишвар муайян намудаем. Агар дар оғоз бихоҳам баъзе аз ин самтҳои калидиро номбар кунам, пеш аз ҳама ҳамкорӣ дар соҳаҳои тиҷорат ва сармоягузорӣ мебошад. Яъне, рушди тиҷорати дуҷониба ва ташвиқи сармоягузориҳои мутақобила. Бояд зикр намуд, ки аллакай сармоягузориҳо аз ҷониби Тоҷикистон ба Ҳиндустон низ сурат гирифтаанд, бахусус дар соҳаи дорусозӣ. Тавре маълум аст, Ҳиндустон яке аз бузургтарин таъминкунандагони маҳсулоти доруворӣ ба Тоҷикистон мебошад ва мо ин шарикии анъанавиро дар соҳаи фармасевтика боз ҳам тақвият мебахшем.

Имрӯз баъзе соҳибкорони тоҷик дар Ҳиндустон корхонаҳои истеҳсолӣ таъсис додаанд, то доруворио барои бозори Тоҷикистон таъмин намоянд. Илова бар ин, мо самтҳои дигарро низ ҳамчун афзалият муайян кардаем, аз ҷумла кишоварзӣ, нассоҷӣ, саноати чарм, коркарди металл. Дар оянда инчунин мехоҳем имкониятҳои ҳамкорӣ дар соҳаи истиҳроҷи маъданро низ баррасӣ намоем.

Самти дигаре, ки аҳамияти махсус дорад ва яке аз афзалиятҳои асосӣ ба ҳисоб меравад, бахши энергетика мебошад, бахусус бо тамаркуз ба энергияи барқароршаванда. Дар ҳамаи ин самтҳо мо бо Ҳукумати Тоҷикистон ҳамкории зич дорем. Ҳамчунин, мехостам дар самти технологияҳои иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ, барномаҳои идоракунии электронии давлатӣ, амнияти киберӣ ва ғайра фаъолона кор бубарем.

Дар бахши маориф ҳам ҳамкориҳои мо назаррас аст. Мо барои таҳсил дар Ҳиндустон стипендияҳо ва кумакпулиҳои хеле саховатмандона пешниҳод мекунем. То имрӯз ҷавонони тоҷик барномаҳои омӯзишии худро бо муваффақият анҷом дода, ба Тоҷикистон бозгашта, имрӯз на танҳо дар вазорату идораҳои давлатӣ, балки дар ташкилотҳои хусусӣ низ фаъолият мекунанд ва донишу тачрибаи касбии онҳо имрӯз хеле талабгор дорад.

Мо минбаъд низ дар асоси манфиатҳои мутақобила самтҳои нави ҳамкориро чустучӯ хоҳем кард ва кӯшиш мекунем аз иқтидори ду иқтисоди босуръат рушдёбанда ба таври пурра истифода барем.

- Ташаккур барои ташрифатон ба идораи рӯзномаи "Тоҷикистон"!

- Ташаккури зиёд! Барои ман муошират бо шумо ва тими шумо боиси хушнудӣ аст. Умедворам, ки дар оянда боз чунин фурсатҳо барои мулоқот, муошират ва мубодилаи афкор фароҳам хоҳанд шуд.



ҶАМЪБАСТИ ВАЗЪИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР СОЛИ 2025

ДАР БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН ҶАЛАСАИ ВАСЕЪ ОИД БА ҶАМЪБАСТИ НАТИҶАҲОИ ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР СОЛИ 2025 ВА ВАЗИФАҲО БАРОИ НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2026 БАРГУЗОР ГАРДИД.

Дар ҷаласа қайд карда шуд, ки дар соли 2025 сарфи назар аз фазои мураккаби сиёсию иқтисодӣ дар ҷаҳон, дар натиҷаи роҳандозии тадбирҳои зарурӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат рушди босуботи иқтисодию молиявӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин карда шуд. Бонки миллии Тоҷикистон низ дар давраи ҳисоботӣ сиёсати мутавозини пулию қарзиро ҷиҳати муътадилии қурби пули миллӣ, таъмини фаъолияти солими низоми бонкии кишвар ва нигоҳдории сатҳи пасти таваррум амалӣ намуд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода зимни суханронӣ зикр кард, ки дар Паёми навбатии Сарвари давлат “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ” ба масъалаи рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ, густариши технологияҳои рақамӣ ва густариш додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардид. Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ вазифадор карда шуданд, ки ҷиҳати ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ба низоми бонкӣ, пасандозҳои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ, боз ҳам зиёд намудани пешниҳоди қарз ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт, бахусус, соҳибкории истеҳсолӣ ва такмил додани механизмҳои рушди бозори қарзҳои ипотекӣ тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ намоянд.

“Вазифаҳои дар назди низоми бонкии мамлакат аз ҷониби Пешвои миллат дар Паёми навбатӣ, маҷлисҳои Ҳукумат ва зимни сафару мулоқотҳо ба минтақаҳои кишвар баёншуда, малакаи баланди касбиро аз ҳар кадоми мо тақозо намуда, ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳо дар ин самт чораҳои саривақтӣ бояд роҳандозӣ карда шаванд”,- таъкид намуд Толибзода Фирдавс.

Зимни муҳокимаи масъалаҳо намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҷиҳати андешидани чораҳо дар самти кам кардани ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол, мукаммал намудани таъминоти барномавӣ, андешидани тадбирҳо вобаста ба ҳолатҳои қаллобӣ ва ҳамлаҳои киберӣ, зиёд намудани ҳиссаи дороиҳои даромаднок, таъмини амнияти иттилоотӣ, иҷрои саривақтии талаботи дастурамалҳои БМТ, зиёд намудани ҳаҷми қарздиҳӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи хизматрасониҳои бонкӣ дастуру супоришҳои мушаххас гирифтанд.

Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Ҳикматуллозода Неъматулло зимни суханронӣ изҳор дошт, ки низоми бонкӣ дар татбиқи самараноки сиёсати иқтисодии давлату ҳукумат, таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, ташаккули бахши хусусӣ, рушди соҳибкорӣ ва ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ саҳми беандоза дорад.

Зикр гардид, ки нишондиҳандаҳои асосии низоми бонкӣ дар соли 2025 беҳтар гардида, васеъ шудани доираи хизматрасониҳо ба мушоҳида мерасад. Ҳамзамон, қайд гардид, ки новобаста аз ин, барои фаъолияти устувори низоми бонкӣ ва мусоидат ба рушди иқтисодиёти миллӣ ташкилотҳои қарзии молиявиро зарур аст, ки ҷиҳати пурра ҷорӣ намудани низоми рақамии хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ва истифодаи васеи технологияҳои молиявӣ, инчунин беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

Дар ҷамъбасти ҷаласа роҳбарони ташкилотҳои қарзии молиявӣ вазифадор карда шуданд, ки барои таъмин намудани фаъолияти босуботи низоми бонкӣ, пурзӯр намудани низоми назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, мустаҳкам намудани заминаи сармоявӣ ва ҷалби бештари сармоягузориҳо, ба роҳ мондани назорати қатъии амалиётҳои асъорӣ, гузаронидани аудити ҳамаҷонибаи соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, пешгирии амалҳои қаллобӣ, тавсеаи инфрасохтори пардохти ғайринақдӣ дар тамоми манотиқи ҷумҳурӣ ва саривақт баррасӣ намудани арзу шикоятҳо нисбат ба хизматрасониҳои бонкӣ чораҳои дахлдор андешида, баҳри татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ ва рушди низоми бонкӣ пайваста кӯшиш ба харҷ диҳанд.

Дар интиҳо, раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода аз иштирокдорон даъват ба амал оварда, ки баҳри амалӣ намудани дастуру супоришҳои дар Паёми навбатии Роҳбари давлат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайдгардида дар таъмини рушди устувори иқтисоди Ватани азизамон саҳмгузор бошанд.

ОГОҲӢ: АЗ ҚАЛЛОБОНИ МОЛИЯВӢ ЭҲТИЁТ БОШЕД!

Бонки миллии Тоҷикистон ба шаҳрвандон тавсия медиҳад, ки ҳангоми истифодаи кортҳои пардохтӣ, замимабарномаҳои мобилии бонкӣ ва хизматрасониҳои онлайнӣ таваҷҷуҳ ва эҳтиёткориро зиёд намоянд. Зеро қаллобон метавонанд худро корманди ташкилоти қарзии молиявӣ, оператори мобилӣ ё “маркази дастгирӣ” муаррифӣ намуда, бо роҳи фиреб маълумоти махфии шуморо ба даст оранд.

1. Маълумоти махфиро ҳеҷ гоҳ ба касе надиҳед.

Ҳеҷ гоҳ ба шахсони дигар, ҳатто агар худро корманди ташкилоти қарзии молиявӣ муаррифӣ кунанд ҳам, маълумоти зеринро пешниҳод накунед:

- рақами пурраи корт ва мӯҳлати амал (MM/YY);
- рамзи CVV/CVC (3 рақам дар пушти корт);
- PIN-рамз;
- рамзҳои якдафъаина (SMS/OTP);
- логин ва гузарвожаи (пароли) замимабарномаи бонкӣ, инчунин калимаҳои махфӣ.

Агар аз шумо ин маълумотро талаб кунанд - ин нишонаи қаллобӣ аст.



2. Ба пайвандҳо (ссылка) ва файлҳои шубҳанок бовар накунед.

- Аз мессенҷерҳо (Telegram, WhatsApp ва ғайра) расм, файл, барнома ё пайвандеро, ки аз шахси ношинос ё ҳатто аз шахси шинос бо матни шубҳанок омадааст, ҳеҷ гоҳ накушоед.
- Барномаҳо ва навсозиҳоро танҳо аз манбаъҳои расмӣ (Play Market / App Store) насб намоед.
- Агар аз шумо талаб кунанд, ки “барои ҳалли мушкил” барнома насб кунед ё “дастрасӣ” диҳед, эҳтиёт шавед - ин васила метавонад барои идоракунии телефон ба таври фосилавӣ ва дуздидани маблағҳо истифода шавад.

3. Аломатҳои маъмулии фиреб ро донед.

Қаллобон бештар чунин баҳонаҳоро истифода мебаранд:

- “Ҳисобатон баста мешавад ё амалиёт шубҳанок аст - фавран рамзро гӯед”.
- “Ба шумо қарз / мукофот / кумакпулӣ тасдиқ шуд - маълумот диҳед”.
- “Кортатонро бояд иваз кунем - CVV ё SMS-рамзро гӯед”.
- “Аз номи шумо интиқол рафта истодааст - барои қатъ кардан рамзро гӯед”.
- “Ин пайвандро кушоед ва маълумотро ворид кунед”. (Одатан ин сомонаҳои сохта/қалбакӣ мебошанд).

Ёдовар мешавем: кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва воҳидҳои марбути онҳо ҳеҷ гоҳ CVV/CVC, PIN ва рамзи якдафъаинаро талаб намекунанд.

4. Қоидаҳои одии бехатарӣ.

- Барои замимабарномаи бонкӣ гузарвожаи мустаҳкам интихоб кунед (бояд аз ҳарф, рақам ва аломатҳо иборат бошад) ва онро ба касе нагӯед.

- Кулфи экранро фаъол нигоҳ доред (PIN ё изи даст (биометрия)).

- Огоҳиномаҳо (SMS)-ро барои амалиётҳо фаъол нигоҳ доред.

- Агар телефонро гум кунед, фавран ба ташкилоти қарзии молиявӣ муроҷиат карда, барои ғайрифаъол кардани барномаҳо чора андешед.

5. Агар оид ба қаллобӣ шубҳа пайдо кардед, чӣ бояд кард?

1. Фавран бо ташкилоти қарзии молиявии худ тавассути маркази тамос муроҷиат намоед:
- дастрасиро ба корти пардохтӣ ё замимабарномаи бонкӣ муваққатан масдуд намоед;
- дархости санҷиш ва бекор-кунӣ ё бозгардондани амалиётро пешниҳод кунед.

2. Гузарвожаи замимабарномаро иваз намоед.

3. Агар барномаи шубҳанок насб карда бошед, иҷозатҳои онро қатъ кунед ва телефонро санҷед.

Бонки миллии Тоҷикистон аз шаҳрвандон даъват менамояд, ки ҳангоми зангҳо ё паёмҳои шубҳанок саросема нашаванд ва ҳеҷ гоҳ рамзҳои якдафъаина (SMS/OTP), PIN-рамз, гузарвожа (парол) ва маълумоти кортро ба касе надиҳанд - ҳатто агар шахс худро корманди ташкилоти қарзии молиявӣ ё ширкати мобилӣ муаррифӣ намояд.

Шаҳрвандони муҳтарам! Ба пайвандҳои ношинос ва шубҳанок надароед, онҳоро накушоед ва барномаҳои ношиносро насб накунед, барои санҷиш ва гирифтани кумак танҳо ба рақамҳо ва шабакаҳои расмии ташкилотҳои қарзии молиявӣ мурочиат намуда, аз замимабарнома ва сомонаи расмӣ истифода баред.

Ҳушёрӣ - беҳтарин роҳи муҳофизат аз қаллобист!

ҲАҚИҚАТ

Зи таҳлили ҳақиқат дарк шарҳи ҳол мегардад,
Ҳадиси ғайб пеши ҳақталошон фол мегардад.

Агар, зимнан, тааҷҷуб дар амал илман шавад тафсир,
Гумонҳоро далел андар тавозун лол мегардад.

Ситеза бо таҳаммул дар рақобат душманӣ дорад
Мурувват бо тааммул ҳар куҷо ҳамбол мегардад.

Фазо равшан, тафаккур тоза, ботин тангу дил торик,
Масири вақт дар миқёси давр икмол мегардад.

Чу ирсан моҳият, ботин зи батне мебарад мерос,
Сиришташт шуд ҳувайдо, тинатат тимсол мегардад,

Ба баҳри зиндагӣ заврақ ба ишқу завқ меронем,
Зи умрат баҳра гар дорӣ, хирад иҷлол мегардад.

Табиат зиндагиро бо таносуб озмояд беш,
Набошад санги мизон, ақл як мисқол мегардад.

Ҳама вақту замон барҷост бо як назм дар як давр,
Хато танзим агар гардад ҳаёт ишкол мегардад.

НИҲОНӢ

ПЕШВОИ МИЛЛАТ

Ба Пешвои милат Эмомалӣ Раҳмон

Марзе обод дар равони ман аст,
Ки дар он ояту нишони ман аст.
Андар он мулк қалби сардорам
Пешво асту сорбони ман аст.

Парчами ишқ сарбаланд он ҷост,
Дасти пирӯзи қаҳрамони ман аст.
Зинда бош, эй дили ҷаҳондорам,
Аз ту ин фахри ҷовидони ман аст.

Додварзо, ба юмни ҳукми ту,
Адл пирӯз дар ҷаҳони ман аст.
Нафасам бо ту шоду осудаст,
Амн имрӯз посбони ман аст.

Эй, ки хуршеди сулҳ афрозӣ,
Беғубор аз ту осмони ман аст.
Чун паёми муҳаббат овардӣ,
Ҷумла офоқ меҳрубони ман аст.

Аз ту ин нур бар ҷабин дорам
В-ин табассум, ки бар лабони ман аст.
Муждаи фитрати салими туст,
Пайки сулҳе, ки бар забони ман аст.

Кохи ваҳдат ҳамеша побарҷост,
Дасти меъмори кордони ман аст.
Тахти ҷон пойдорӣ ёфт зи ту,
Дасти қудрат, ки пуштибони ман аст.

Тахти ин мамлакат туро зебад,
Бо ту ин умри шодмони ман аст.
Эй ҳидоятгарам ба сӯи дод,
То ҷаҳон асту то замони ман аст,

Ман туро интихоб хоҳам кард,
Ҷовидона ин ормони ман аст.
Ба ту ман рой медиҳам, эй дил,
Аз ту обод марзи ҷони ман аст.



САИД ЮНУСИЁН

САРАЗМИ БОСТОНӢ

Ба Абдуллоҷон Исҳоқӣ, нахусткашшофи Саразм

Эй Саразми бостонӣ,
Сарзамини ориёнӣ.
Ёдгори безаволӣ,
Аз ниё бар мо нишонӣ.

Марди деҳқони ту пошид
Донаи фарҳанги моро.
Дасти меъморат бино кард
Шаҳри ному нанги моро.

Маншаи касбу ҳунар буд
Коргоҳи бофани ту.
Ёфт тобе ҷони тоҷик
Аз мису аз маъдани ту.

Деҳашаҳри худшиносӣ,
Хунбдони хешозӣ,
Аз ту дорам сарбаландӣ,
Аз ту дорам сарфарозӣ.

Мо туро аз қаъри таърих
Ҷуставу эҳё намудем.
Бо ту ҳамзодему аз нав
Хешро пайдо намудем.

ИРОДАТМАНД

Ба устод Фарзонаи Хуҷандӣ

Ба наздат боз меояд иродатманди дерина,
Дари суҳбат кушо, дурвожа рез, эй сина ганҷина!
Рухе савсансифат дорӣ миёни ҳотаи манзар,
Диле шабнамсифат дорӣ даруни ғунчаи сина.
Ҷамоли ҳастиятро то шиносам, чашми дил бояд,
Камоли ҳастиятро кай шиносад чашми сабзина?
Ба он покӣ,
ба он софӣ наёрад бозгӯ кардан
Туро шабнам,
туро Сайҳун,
туро ин субҳу оина.
Чӣ меъроҷу мақом аст он?
Ту меболиву мо нозем
Ба ин мансаб,
ба ин рутба,
ба ин поя,
ба ин зина.
Садо аз қаъри таърихӣ,
нидо аз асри оянда,
Ҳам аз аввал,
ҳам аз охир,
ҳам аз имрӯзу порина.
Саодатнома овардӣ ба иқболи Банӣ Одам,
Муҳаббатнома овардӣ ба ин дунёи пуркина.
Садои ишқ хуш бошад чи бар кофир, чи бар муъмин,
Дуои сидқ хуш бошад чи ҳар рӯзу чи одина.
Ҳамеша ҳифз хоҳам кард андар музейи ҷонам,
Хушо ёкути сурхи ёди ту дар ҷаъбаи сина.

МАВЛУДНОМА

21 ЯНВАР

Муҳаммад Алиҷон (1966), 60-солагии зодрӯзи журналист.

Файз Маҳкамов (1941-2012), 85-солагии зодрӯзи мутриб, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Аҳмад Сияров (1951), 75-солагии зодрӯзи забоншинос.

Ҳотами Ҳомид (1966), 60-солагии зодрӯзи журналист.

Муҳаббат Шарифов (1941), 85-солагии зодрӯзи Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Юсуфалӣ Шоҳназаров (1956), 70-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

22 ЯНВАР

Гулбаҳор Авғонова (1926), 100-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Шамсиддин Нуриддинов (1951), 75-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

23 ЯНВАР

Нусрат Ашӯров (1941), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Маъруф Исоматов (1966-2009), 60-солагии зодрӯзи муаррих.

Мамадёр Мамадназарбеков (1931-2014), 95-солагии зодрӯзи иқтисоддон, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

24 ЯНВАР

Шарофиддин Имомов (1956), 70-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

Ҳушёр Қаробоев (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Хайриниссо Расулӣ (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

25 ЯНВАР

Ҷаҳон Азонзод (1951), 75-солагии зодрӯзи доктори илми тиб.

Насиба Маликова (1966), 60-солагии зодрӯзи олимаи соҳаи тиб.

Соҳибҷон Ёқубов (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

26 ЯНВАР

Азизбек Зиёев (1946), 80-солагии зодрӯзи гӯрғулихон, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Маҳмадҷон Сафаров (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Рамазон Сафаров (1936-2008), 90-солагии зодрӯзи Рассоми халқии Тоҷикистон.

Эътибор Султонова (1966), 60-солагии зодрӯзи журналист.

27 ЯНВАР

Александр Макуха (1931-2007), 95-солагии зодрӯзи меъмор.

Обида Нуъмонова (1916-1996), 110-солагии зодрӯзи пахтакор, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

...

МЕФУРӮШАМ

1-ҲУҶРАГӢ

НОҲИЯИ СИНО

➔ 1-ҳуҷрагӣ, қабати 1, к. С. Шерозӣ 15, 410 000 сомонӣ, савдо мешавад. Тел.: 918-20-67-55, 93-151-77-00

➔ 1-ҳуҷрагӣ, Профсоюз, аз 400 000 то 450 000 сомонӣ. Тел.: 901-88-34-44

2-ҲУҶРАГӢ

НОҲИЯИ СИНО

➔ Хонаи 67 м.м., қабати 4, собиқ бозори "Ҷал Ҷам", 610 000 сомонӣ, савдо мешавад. Тел.: 918-20-67-55, 93-151-77-00

ҲАВЛӢ

НОҲИЯИ ШОҲМАНСУР

➔ Ҳавлӣ, 4 дар хона, 2,5 сот. замин, нишонӣ: Аэропорт. Тел.: 208-90-90-10

ИҶОРА МЕДИҲАМ

НОҲИЯИ СИНО

➔ Шабонарӯзӣ иҷора медиҳам, бо соҳиби хона, люкс. Тел.: 98 849-44-44

1-ҲУҶРАГӢ

НОҲИЯИ ШОҲМАНСУР

➔ Хонаи 1-ҳуҷрагии ба 2-ҳуҷрагӣ табдилдодашуда, қабати 10, бинои навсохт, "Чордома", иҷора дода мешавад, нарх 4000-4500 сомонӣ, пешпардохт, беҳтараш ба хориҷиён ё оилаи иборат аз як кӯдак. Тел.: 907-27-75-75

2-ҲУҶРАГӢ

НОҲИЯИ ШОҲМАНСУР

➔ 2-ҳуҷрагӣ, шабонарӯзӣ ҳам иҷора дода мешавад, нишонӣ: "Ашан". Тел.: 93-593-02-20

ИҶОРА МЕДИҲАМ

НОҲИЯИ СИНО

Тарабхонаи "Ориён"-ро иҷора медиҳам, нишонӣ: Гипрозем. Тел.: 917-653-653

КОР ВА ХИЗМАТРАСОНӢ

Ба дастаи мо дӯзанда барои дӯхтани либосҳои махсус лозим аст. Маоши хуб, ҷои кори бароҳат, пардохтҳои саривақтӣ, бо имконияти баланд шудани маош ва пешрафти касбӣ. Хӯроки нисфирӯзӣ аз ҳисоби корхона таъмин карда мешавад. Тел.: 935-49-00-05

➔ Дар шаҳри Воронеж ба нонпаз (зан барои пухтупаз) ниёз дорем. Тамоми шароитҳо муҳайё аст, беҳтараш бо шиносномаи шаҳрвандӣ. Маош 10 000 с. Агар таҷриба надошта бошеду хоҳиш бошад, корро меомӯзонем. Тел.: 8931-241-14-94, 8923-24-29-116 вотсап

Ба тарабхона фавран ошпаз лозим аст. Тел.: 917-653-653

КОР МЕҶӮЯМ

➔ Рӯбучини босифат, хонатозакунӣ баъди таъмир, рӯбучини пурра. Тел.: 901-51-01-50, 111-40-04-86

➔ Рӯбучини хона ва хизматрасонӣ барои хориҷиён. Тел.: 001-33-80-33

➔ Рӯбучини босифат дар хона. Тел.: 001-33-80-33

➔ Рӯбучини босифат дар хона. Тел.: 931-47-17-13

ОМӮЗИШ

➔ Забони англисӣ барои кӯдакон. Тел.: 903-02-87-07

➔ Курсҳои Excel. Тел.: 93-744-60-60

➔ Репетитори забони русӣ. Тел.: 88-855-78-17

➔ Курсҳои ронандагӣ. Тел.: 11-030-13-11

➔ Курсҳои компютерӣ. Тел.: 903-02-87-07

УСТОИ КАФЕЛ

➔ Устои кафел. Тел.: 87-639-04-04

➔ Устои кафел, устои таҷҳизоти сантехникӣ, устои барқ. Дарчаспонӣ. Тел.: 933-16-34-31

➔ Устои касбии кафел, таҷҳизоти сантехникӣ.: Тел. 915-58-71-31

➔ Устои кафел, босифат. Тел.: 93-573-23-97

➔ Устои кафел. Тел.: 93-998-50-58

УСТОИ МЕБЕЛ

➔ Мебел бо фармоиш. Тел.: 00-933-47-47

➔ Ба қисмҳо ҷудо кардан ва ҷо ба ҷо кардани мебел. Тел.: 87-380-65-65

➔ Таъмир ва азнавсозии мебели дилхоҳ. Мебел бо фармоиш. Тел.: 900-01-12-54

➔ Ба қисмҳо ҷудо кардан ва ҷо ба ҷо кардани мебел. Тел.: 00-166-83-57

➔ Мебел бо фармоиш. Тел.: 907-50-39-50

➔ Таъмир, ба қисмҳо ҷудо кардан ва ҷо ба ҷо кардан ва сохтани мебел. Тел.: 93-524-88-83

➔ Хизматрасонии гуногун

➔ Газовик. Тел.: 988-61-10-57

ГУНОГУН

МЕФУРӮШАМ

➔ Стенкаи 5-қисмаи "Беларусь", қаҳваранг, мизи миллӣ, мизи хатнависӣ, аробачаи кӯдакона, матрасҳо аз поролон, трюмо, мизи ошхона, кондитсионер, китобҳо, ашёҳои кӯдакона. Тел.: 98-733-56-08

МЕХАРАМ

Қолин, пойафзоли чармин ва ҷинс, флягҳои алюминӣ, зарфҳои гуногун, мантупазак, курпача мехарам. Тел.: 93-997-49-72

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғаз, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинҳои ҷомашӯй, мошинҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, металлолом, макулатура, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинҳои ҷомашӯй, мошинҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Флягҳо, курпачаҳо, қолинҳо, медалҳо, нишонҳо, асбобҳо, зарфҳо, дегҳо, тангаҳо, соатҳои советии кориву ғайрикорӣ, ҳайкалчаҳо, оҳанпора, техникаи маишӣ мехарам. Тел.: 904-09-59-17, 108-99-99-34, 401-99-89-89

Флягаҳо, курпача, қолин, нишон, медал, асбобҳо, зарфҳо, дегҳо, танга, ҳайкалчаҳо, оҳанпора, техникаи маишӣ, ҳезум мехарам. Тел.: 900-16-79-39

ЭЪТИБОР НАДОРАД

➔ Шиносномаи шаҳрвандӣ, А6150617, ба номи Қодиров Содиқ Абдухалиқович, ки санаи 05.11.2010 аз ШКД н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шартномаи хариду фурӯши квартира таҳти феҳристи 2/5н/2023-3-2224, аз 01.09.2023 ба номи Эшанқулов Шухрат Эсанович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Карамов, хонаи 9, ҳ. 38, ки дар нотариуси давлатии Идораи нотариалии давлатии н. И. Сомонӣ ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи шаҳрвандӣ, А05041887, ба номи Кадыров Мухаммадали Садыкович, ки санаи 15.09.2023 аз ШВКД-1 н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Дипломи ДОА 0011071, рақами қайд №75, ба номи Абдуллоев Диловар Нуралиевич, ки соли 2018 аз ДМТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Қолинҳои наву куҳна, кӯрпача, парда, зарф, яхдон, мошинаҳои ҷомашӯй, либоси занонаву мардона, мебел ва дигар чизҳоро мехарам.

Тел.: 985-59-72-70, 900-10-60-16,

апаи Шаҳодат

➔ Иқтибос аз варақаи бақайдгирӣ, №36483, аз 24.08.2020, ба номи Қосимов Саймиддин, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Н. Қарабоев, гузаргоҳи-1, 10/1, утоқи маркази савдо, КДФ бақайдгирии молу мулки қайриманқул дар ш. Душанбе, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0825043, ба номи Ғиосова Шаҳодат Раҷабмуродовна, ки соли 2020 аз ҷониби МТМУ №66 н. Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0690311, ба номи Фаязов Раҳмонали, ки соли 2019 аз ҷониби МТМУ №66 н. Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1287160, ба номи Абдуллоев Нурмаҳмад, ки соли 2024 аз ҷониби МТМУ №66 н. Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Маълумотнома бо силсилаи №0091591 ба номи Аминова Умеда Абдулҳафизовна, ки санаи 31.07.2012 аз ҷониби ФТЭК дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Дафтари ҳавлӣ ба номи Шамолов Баҳромҷон Комилович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Фирдавсӣ 1/1, х. 11, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ ба номи Эшанқулов Шухрат Эсанович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. И. Сомонӣ, к. Карамов, хонаи 9, ҳ. 38, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи рақами 1к-2190, аз 14.08.1989, аз тарафи Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ваҳдат ба номи Назаров Ҷонмаҳмад Тағоевич, хона воқеъ дар ш. Ваҳдат, кӯчаи А. Зикиров (пешинааш Пахтакор), хонаи 59, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ ба номи Мирзиёев Мирғиёс, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. 3-гузаргоҳи Балъамӣ, хонаи 9, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатнома, иқтибос ва ИНН ҶДММ "Симурғи Ҳисор", №0275808, РЯМ: 0910010915, РМА: 090017145, ки санаи 01.11.2022 дар Нозироти андози ш. Ҳисор дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ РСБ (Рамзи сабабҳои баҳисобгирӣ) ҶДММ "Симурғи Ҳисор" 0916AGAAAADD, ки санаи 15.03.2023 аз Нозироти андози ш. Ҳисор дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Дипломи ДТО №0283078, рақами қайд №440, ба номи Мамадҷонова Рахшона Шуҳратҷоновна, ки санаи 25.10.2023 аз ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дода шудааст, аз сабаби сӯхтанаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ, РЯМ: 3330021530, ба номи Хасанов Шариф Хушвахтов, дар н. Ҷ. Балхӣ дода шудааст, беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси хоҷагии деҳқонии “Шерзод 2005”, роҳбараш Мангитова Хумор, РЯМ: 0730006888, РМА: 075136332, ки аз 22.01.2010 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ ба номи Маханов Насриддин Маматалиевич, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷам. Чоргултеппа, деҳаи Заркамар, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Исмоилова Мадина Рустамовна, РМА: 045759404, РЯМ: 0331472396, ки дар Нозироти андози н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Мирзоева Рудоба Темировна, РМА: 037783115, РЯМ: 0331424317, ки дар Нозироти андози н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Гулмуродова Саида Садуллоевна, РМА: 045962378, РЯМ: 0331442825, ки дар Нозироти андози н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Собиров Аҳадҷон Исломович, РМА: 025748221, РЯМ: 0331442531, ки дар Нозироти андози н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Бабкина Лиана Александровна, РМА: 046931245, РЯМ: 0331442834, ки дар Нозироти андози н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ ва Шартномаи хариду фурӯши оғилхона таҳти феҳристи рақами 1Ш-81, ки аз санаи 11.02.2014 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии шаҳри Ваҳдат ба номи ҶДММ Савуров воқеъ дар шаҳри Ваҳдат, деҳаи Хиргатарош ба қайд гирифта шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ ба номи Қурбонов Карокатулло Қурбоншоевич, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Қаҳҳоров, хонаи 147, ҳ. 30, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ, №16404, ба номи Шукуров Тоир Зуришоевич, бо суроғаи н. Рӯдакӣ, ҷамоати 40-солагии Тоҷикистон, деҳ. Лаби-тол, ки соли 2003 дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

➔ Кооперативи тиҷоратии "Неъмат-1", РЯМ: 0710003415, РМА: 070003628, ки аз 18.12.2000 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ ҶДММ "Шандиз", №0020296, РЯМ: 0910001446, РМА: 090007290, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ ҶДММ "Симурғи Ҳисор", №0275808, РЯМ: 0910010915, РМА: 090017145, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ Кооперативи тиҷоратии "Ахлидин А", РМА: 330002115, дар н. Ҷ. Балхӣ, фаъолияташро қатъ менамояд.

➔ Кооперативи тиҷоратии "Шароф 97", РЯМ: 0710002040, РМА: 070001341, ки аз 11.04.2010 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ Кооперативи тиҷоратии "Нодирбек", РЯМ: 0710002105, РМА: 070002226, ки аз 11.04.2000 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➔ ҶДММ "Хонаи Олмони", РЯМ: 0910010998, РМА: 090017231, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ЧАРО РИОЯИ КОНСТИТУТСИЯ МУҲИМ АСТ?

Конституитсия ҳамчун санади асосии давлат на танҳо рамзи волоияти қонун аст, балки сарчашмаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва кафили адолат дар ҷомеа мебошад. Риояи Конституитсия барои ҳар як шаҳрванд, новобаста аз мақом ва табақаи иҷтимоии ӯ, муҳим аст. Чаро?

Қабл аз ҳама, ин санад ба ҳар як инсон кафолат медиҳад, ки ҳуқуқҳояш ҳимоя ва баробар бо дигарон эҳтиром гардад. Конституитсия асоси ҳамаи қонунҳо ва меъёрҳои ҳуқуқии давлатро муайян мекунад. Агар инсон наметавонад ҳуқуқҳои худро дар назди мақомоти давлатӣ ҳимоя кунад, ё агар қонунҳо ба таври дуруст ва бенуқсон иҷро нашаванд, риояи Конституитсия ба ҳама гуна ноадолатӣ ва ихтилофи манфиатҳо роҳ намедиҳад.

Агар мансабдор ва мақомоти давлатӣ фаъолиятҳои худро берун аз чаҳорчӯби қонун анҷом диҳанд, ҳар шахс метавонад дар асоси Конституитсия барои ҳимояи ҳуқуқи худ ба суд мурочиат намояд, ҳуқуқҳои худро ҳифз кунад. Конституитсия кафолат медиҳад, ки ҳар як қарор ва амал дар доираи меъёрҳои қонунӣ ва мувофиқи ҳуқуқи инсон сурат гирад.

Барои риояи Конституитсия ҳама мақомоти давлатӣ муваззафанд, ки фаъолияти худро танҳо дар чаҳорчӯби муқаррароти қонун иҷро кунанд. Он ба ҷомеа итминон медиҳад, ки ҳар як амал ва қарор бо қонун мувофиқат кунад ва худсарии ҳокимият ё таҷовуз ба ҳуқуқи шаҳрвандон манъ аст. Ин як ҷузъи муҳими фаъолияти демократӣ дар давлати ҳуқуқбунёд аст, ки ба эътимоди мардум бо мақомоти давлатӣ мусоидат мекунад.

Конституитсия ба ҳар як шаҳрванд ба таври равшан муайян мекунад, ки чӣ гуна ҳуқуқи худро муҳофизат кунад, аз ҳар гуна зулм ё таҷовузи ғайриқонунӣ муҳофизат шавад ва дар ҷомеа як шахсияти озод ва худро баробар бо дигарон эҳсос кунад. Воқеан, риояи Конституитсия ҳамчун механизми муҳими ҷомеа барои таҳкими ин арзишҳо ва бунёди як давлату ҷомеаи адолатмехвар бисёр муҳим аст.

Дар ҷомеаи муосир, ки демократия ва волоияти қонун муҳимтарин арзишҳо мебошанд, риояи Конституитсия барои нигоҳ доштани субот ва оромии сиёсӣ низ хеле муҳим аст.

Д. ХОЛИҚМУРОДЗОДА,
И. КОМИЛЗОДА,
судяҳои Суди Олии ҶТ

БОЗДОШТИ ЗОДАИ ТОҶИКИСТОН БО ИТТИҲОМИ ҚАТЛИ НАВРАСИ РУС

Мақомоти тафтишотии Русия аз боздошти як ҷавони 19-сола ба далели “куштори сокини 18-солаи маҳаллӣ” дар шаҳри Электростали вилояти Маскав хабар доданд. Расонаҳои ин кишвар гумонбарро зодаи Тоҷикистон гуфта, аз ӯ Имомалӣ Турдиев ном бурдаанд.



Ба гузориши расонаҳои русӣ, Имомалӣ Турдиев солҳо пеш ҳамроҳи оилааш аз Тоҷикистон нахуст ба вилояти Кемерово ва баъдан ба вилояти Маскав омадаанд ва ӯ дар он ҷо бузург шудааст. Имомалӣ шаҳрвандии Русияро доштааст. Ин зодаи Тоҷикистон рӯзи 18-уми январ бо иттиҳоми куштани навраси рус боздошт шуд. Ҳодиса дар шаҳри Электростали вилояти Маскав рух додааст.

Ба гузориши расонаҳои русӣ, муноқиша пас аз он сар шуд, ки як гурӯҳ аз наврасон ба автобус ворид шуда, ба сӯи мусофирон ишораҳои таҳқиромез кардаанд. Имомалӣ Турдиев, зодаи Тоҷикистон ба ҳимояи мусофир хеста, ба назди ин ҷавонон меояд ва онҳоро огоҳӣ медиҳад.

Дар навор дида мешавад, ки миёни ду тараф баҳсҳои лафзӣ сар мешавад ва онҳо дар истгоҳи наздиктарин аз автобус пиёда мешаванд. Баҳсу занозанӣ дар истгоҳ идома мекунад ва наврасон ба сӯи Имомалӣ аз туфанги шуълагиранда оташ кушодаанд. Ба гуфтаи мақомоти Русия, баъди ин зодаи Тоҷикистон бо корд се маротиба ба бадани навраси рус задааст.

Кумитаи тафтишотии Русия мегӯяд, ки бо вуҷуди расонидани кумаки тиббӣ навраси 18-сола ба ҳалокат расид. Алайҳи Имомалӣ Турдиев бо иттиҳоми куштор парванда боз шуда, ба ӯ то 15 сол зиндон таҳдид мекунад.

ДАР ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ЧИРО БА НАЗАР ГИРЕМ?

Дар шароити тағйирёбии босуръати ҷаҳони муосир масъалаи таълиму тарбияи ҷавонон ба яке аз масъалаҳои калидии рушди ҷомеа табдил ёфтааст.

Имрӯз равшан аст, ки танҳо додани дониш барои ташаккули шахсияти комил кофӣ нест. Таълим бояд бо тарбия пайваста бошад. Ҷавоне, ки дониши баланд дорад, аммо масъулияти иҷтимоӣ, ахлоқи нек ва ҷаҳонбинии солим надорад, метавонад на омили рушд, балки сабаби мушкил гардад. Аз ҳамин ҷиҳат, тарбияи ахлоқӣ бояд пояи асосии тамоми раванди таълим бошад. Ростқавлӣ, эҳтиром, инсондӯстӣ, таҳаммулпазирӣ ва ҳисси адолат арзишҳое ҳастанд, ки маҳз дар муҳити оила, мактаб ва ҷомеа шакл мегиранд.

Яке аз мушкилоти муҳими имрӯз ҷудо шудани таълим аз тарбия аст. Дар бисёр ҳолатҳо муассисаҳои таълимӣ бештар ба натиҷаи имтиҳонҳо таваҷҷуҳ мекунанд, на ба ташаккули шахсият. Дар ҳоле, ки омӯзгор пеш аз ҳама мураббӣ аст. Ҳар сухан, ҳар рафтор ва ҳар муносибати омӯзгор метавонад дар зеҳни ҷавон таъсири амиқ гузорад. Аз ин рӯ, масъулияти омӯзгор танҳо ба фан маҳдуд намешавад, балки тарбияи шаҳрванд, инсони бофарҳанг ва ватандӯст низ ба дӯши ӯст.

Дар асри иттилоот рушди тафаккури интиқодӣ аҳамияти хос дорад. Ҷавонон дар муҳити пур аз иттилооти гуногун қарор доранд, ки на ҳамааш саҳеҳ ва судманд аст. Агар ҷавон таҳлил кардан, муқоиса намудан ва хулосабарорӣ карданро надонад, ба осонӣ зери таъсири андешаҳои бегона, ифротгароӣ ё иттилооти бардурӯғ қарор мегирад. Дар баробари ин, маърифати рақамӣ низ ҷузъи ҷудонашавандаи тарбия гаштааст.

Тарбияи меҳнатдӯстӣ ва омодасозии ҷавонон ба зиндагии мустақил низ аз масъалаҳои калидӣ мебошад. Ҷавон бояд дарк кунад, ки муваффақият танҳо бо меҳнат, дониш ва сабр ба даст меояд. Омӯзиши касб, малакаҳои зиндагӣ ва масъулияти иҷтимоӣ ҷавононро ба шахсони мустақил ва созанда табдил медиҳанд.

Дар ин раванд нақши оила ҳалкунанда боқӣ мемонад. Агар сухани мактаб бо амали оила мутобиқ набошад, тарбия самараи пурра намедиҳад. Ҳамкории зичи оила, муассисаҳои таълимӣ ва ҷомеа шарти асосии тарбияи насли солим аст.

Рамазон РУСТАМОВ,
сардори шуъбаи ғоибонаи Коллеҷи информатика ва техникаи компютерии шаҳри Душанбе

5 ГИЁҲИ МУЪҶИЗАНОК

ки асабро ором месозанд

Солиёни зиёдест, ки муаллими донишгоҳ ҳастам. Дарсҳои зиёд ва корҳои илмӣ асабҳоямро хаставу афсурда кардаанд. Вақтҳои охир бо андак гап ба ғазаб меоям, зуд-зуд асабӣ мешавам. Аз саҳифаи "Канзи шифо"-и "Тоҷикистон", ки пайваста тавсияҳояшро мехонам, мехоҳам, ки чанд роҳи табобатро бароям пешниҳод кунанд.

С. СОБИРОВ,
шаҳри Душанбе



- Аз эҳтимол дур нест, ки асабонияти шумо таъсири хастагии зиёд бошад. Бисёре аз олимон ба хотири пеш бурдани зиндагӣ ва анҷоми таҳқиқот ҳатто рухсатии меҳнатӣ намегиранд ва пайваста кор мекунанд. Агар шумо ҳам аз ҳамон тоифа бошед, фавран аз пайи саломатиатон шавед. Ба шумо чанд гиёҳи дастрасро тавсия медиҳем, ки асабро ором менамоянд. Ҳамарӯза аз ин гиёҳҳо даво тайёр карда, бинӯшед.

Якум. Решаи сунбул (валериана)-ро бо пудинаи боғӣ ва гули бобуна якҷоя карда, як қошуқи ошхӯрии ин гиёҳҳоро дар 200 грамм оби ҷӯш дар зарфи сирдор аз шаб то саҳар дам кунед, сипас соф карда, дар ягон зарфи шишагин бирезед. Рӯзе 3-4 маротиба аз ин гиёҳоб дуқошуқӣ бинӯшед, асабатонро ором менамояд.

Дуюм. Ниёзбӯ, тухми карафс ва решаи сунбулро ба миқдори баробар гирифта, омехта намоед ва ду қошуқашро дар термос андохта, аз болояш ним литр оби ҷӯшомадаро бирезеду монед то саҳар истад. Дар давоми рӯз чанд маротиба нимпиёлагӣ аз ин даво бинӯшед.

Сеюм. Асабоният ҳамроҳ бо фишори хун бошад, давои зерин ба дарди шумо мехӯрад: пудинаи сиёҳ, кокутӣ, карафс (реша, барг ё тухмаш), ниёзбӯ (мелиса), решаи сунбул ва дӯлонаи сурх. Решаи сунбул ва дӯлонаро дар зарфе гирифта, 15 дақиқа дар бухори об нигоҳ доред, сипас гиёҳҳои дигарро андохта, монед ним соат истад. Пас аз ин давои ҳосилшударо соф карда, сеқошуқӣ рӯзе 4-5 маротиба бинӯшед, асабҳоятон ором, фишори хунатон муътадил ва табъатон болида мегардад.

5 ДУШМАНИ ВИРУС

Шаш ғизое вуҷуд доранд, ки дар сурати мунтазам истеъмол кардани онҳо бемориҳои вирусӣ ва микробҳоро пешгирӣ кардан имконпазир мегардад.



1. Шир ва маҳсулоти ширӣ. Шири гов ва маҳсулоти ширӣ манбаи бактерияҳои фоидаовар ба шумор мераванд, вале дар давоми даҳсолаи охир бо сабаби он ки лактоза ва козеини таркиби шир сабабгори пайдоиши аллергия дар ҷисми инсон мегарданд, мутахассисони соҳа онро аксаран мавриди танқид қарор медиҳанд. Дар баробари ин, шир сарчашмаи нутриентҳо, ферментҳои ҳазмшаванда, чарбҳои муфид ва протеинҳое мебошад, ки барои бехдошти масунияти бадан нақши созгор мебозанд. Йогурти табиӣ ва дигар маҳсулоти ширӣ кори тамоми узвҳои ҳозимаро ба эътидол меоранд.

2. Карами шӯр ва дигар маҳсулоти ҳазмшаванда. Карами дар намак хобонидашуда мисоли дигар ғизои ҳазмшаванда, аз қабили бодиринги очонидашуда, помидор, себ, тарбуз ва ғайра хӯрдании болаззат ва хеле фоидабахш аст. Ҳар нафаре, ки масунияти худро мустаҳкам кардан мехоҳад, бояд бештар хӯроки дорои бактерияҳои "фоиданок" бударо, ки ба масунияти кори рӯдаҳо таъсири судманд мерасонад, истеъмол намояд.

3. Ҷигар ва дигар узвҳои дарунаи ҳайвонот. Истеъмол кардани ҷигар, гурда, дил ва дигар узвҳои дарунаи ҳайвонот шояд барои баъзеҳо қобили қабул набошад, вале бояд қайд намуд, ки узвҳои номбаршудаи ҷонварон дорои миқдори зиёди нутриентҳои зерин ҳастанд, ки масуниятро баланд мебардоранд: токоферолҳо, синк, ҷамъи ҷавҳарҳои линолеикӣ (CLA), омега-3, ҷавҳарҳои равғании серғизо, бета-каротинҳо ва ғ.

Агар ба шумо таъми чунин хӯрданиҳо писанд набошад, метавонед бо истифода аз усулҳои нави хӯрокпазӣ аз он хӯрок омода созед. Масалан, ҷигарро дар шир ё шарбати лиму шабона тар карда, бӯйи нофорами онро баратараф карда, баъдан пораҳои буридашудаи ҷигар ё дилро дар тухми латзада чулонида, дар равғани зайтун бо иловаи пиёзи сурху қаланфури булғорӣ дар оташи паст пухтан мумкин аст. Хӯроки мазкур ғизои бехтарин барои пешгирӣ намудани зуком ба шумор меравад.

4. Занбурӯғҳо

Занбурӯғҳо қобилияти муҳофизатии ҷисмро баланд мебардоранд, зеро аз моддаҳои зерин ғанӣ ҳастанд: протеинҳо, клетчатка, калсий,

ҷавҳари аскорбин, витамини гурӯҳи В, пайвастаҳои фаъоли биологӣ.

5. Сирпиёз. Сирпиёз барои саломатии инсон хеле муфид аст, зеро ҷисмро аз микрофлораи патогенӣ муҳофизат мекунад. Барои мустаҳкам сохтани масуният ҳамарӯза истеъмол намудани сирпиёз тавсия дода мешавад. Вирусҳо, бактерияҳо, занбурӯғҳои хамиртурушие, ки ба антибиотикҳои сунъӣ мутобиқ мешаванд, зидди таъсироти ин давои пурқуввати таббиӣ истодагарӣ карда наметавонанд. Барои таъмин намудани кори муътадили масунияти бадан сирпиёзи тару тозаро истеъмол кардан лозим аст. Илова бар ин, аллитсини таркиби сирпиёз қодир аст:

- хусусияти антиканцерогенӣ дорад;
- сатҳи холестерини умумӣ ва холестерини зарарнокро дар хун паст месозад;
- фишори баланди хунро паст мекунад;
- хатари лахташавии хунро кам месозад;
- бемории инсултро пешгирӣ менамояд;
- аз заҳри ҳашарот муҳофизат мекунад.

Толеънома

Ҳамал
21.03 - 20.04

Нафароне, ки ба сафари роҳи дур мебароянд, эҳтимоли бемор шуданашон зиёд аст. Дар ин рӯзҳо мушкилоти рӯзгор зиёд мешаванд. Нимаи дуюми ҳафта асабонияту хафагии худро аз дигарон пинҳон месозед.

Савр
21.04 - 21.05

Аввали ҳафта мушкилоти вобаста бо фарзандон ё шахси дӯстдошта ногаҳон ба саратон омада, боиси асабхаробӣ ва хира гаштани табъатон мегардад. Нафароне, ки ошиқ мешаванд, қалбашон лабрези фараҳ мегардад.

Ҷавзо
22.05 - 21.06

Аввали ҳафта дар хонаву рӯзгоратон мушкилоти чиддӣ сар мезанад. Баъзан бе ягон сабаб бо атрофиён ва ҳамкорон муноқиша мекунед. Баъзеҳо таҳти фишори дигарон қарор гирифта, ноҳинҷор мегарданд. Миёнаи ҳафта оташи муҳаббататон паст мегардад.

Саратон
22.06 - 23.07

Эҳтимоли ба сафари роҳи дур баромаданатон дар назар аст. Миёнаи ҳафта баъзе корҳои нотамомро бояд ба анҷом расонед. Рӯзи шанбе бо мушкилоти дигарон машғул мешавед. Дар ҷодаи муҳаббат қалберо, ки шикастаед, аз нав кӯшиши ба даст оварданашро накунед.

Асад
23.07 - 22.08

Мушкилоте, ки дар ин ҳафта ба сари наздиконатон меояд, шуморо низ ором намегузорад. Бояд мушкилоти молиявиро рафъ намоед. Бахти баъзеҳо омад мекунаду бо шарофати саводнокӣ ва машғулияташон маблағи хуб ба даст меоранд.

Сунбула
23.08 - 22.09

Мушкили асосии ҳафта масъалаҳои пулӣ аст. Маблағи таҳсил ё сафарро пардохт кардanатон лозим меояд. Миёнаи ҳафта сирри пинҳонӣ фош мегардад. Муноқишае, ки дар оилаатон сар мезанад, ба фоидаи шумо анҷом намеёбад.

Мизон
25.09 - 22.10

Дар ин ҳафта сирру асрори пинҳонӣ фош гашта, муносибатҳоятон бо ҳамкорон ё наздикон вайрон мегардад. Рӯзи чоршанбе барои сайругашт, муошират, мағозаву бозоргардӣ вақт меёбед. Кӯшиши якбора ба анҷом расонидани чанд корро накунед.

Ақраб
23.10 - 22.11

Аввали ҳафта нафаре аз шумо қарз гирифтан мехоҳад. Аксарияти нафарони дар мучали ақраб тавлидёфта ба нафарони ниёзманд кумак расонидан мехоҳанд. Рӯзи шанбе барои мағозаву бозоргардӣ мусоид аст. Ба хароҷоти калон омода бошед.

Қавс
25.11 - 21.12

Давоми ҳафта бо мушкилоти дӯстону атрофиён машғул шуданатон лозим меояд. Нафаре ба шумо пинҳонӣ ҳасад мебарад. Ба касе имкон надиҳед, ки ба саратон фармонфармоӣ кунад. Дар ҷодаи муҳаббат аз ҳад зиёд ба эҳсосот дода шуда, дили ёратонро меранҷонед.

Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Кӯшиши фармонфармоӣ ва зери даст гирифтани лаҷоми ҳамкорон ва аҳли оиларо накунед. Дар акси ҳол нафарони зиёде аз шумо меранҷанд. Нафароне, ки рӯзҳои қаблӣ заҳмат кашидаанд, маблағи хуб ба даст меоранд.

Далв
21.01 - 19.02

Ба маслиҳати нафароне, ки ба шумо ваъдаи зиёд медиҳанд, гӯш надиҳед. Беандешагӣ боиси он мегардад, ки дастовардҳои худро аз даст медиҳед. Миёнаи ҳафта маъракаву чорабинӣ боиси фишори рухиятон мегардад.

Ҳут
20.02 - 20.03

Дудилагӣ ва бечуръатӣ имкон намедиҳанд, ки ба нияту мақсадҳои худ наздик шавед. Нерӯи худро беҳуда сарф накунед, бо корҳои ночизе, ки маблағи хуб ба даст оварда наметавонед, машғул нашавед. Нафароне, ки бо тиҷорат машғуланд, муваффақ мегарданд.

БОКС

МУШТЗАНҲОИ ТОҶИК ДАР БАЙНИ БЕҲТАРИНҲОИ ҶАҲОН ҶОЙ ГИРИФТАНД

BoxRec, вебгоҳи баргузорӣ ва навсозии рекордҳои муштзанҳои касбӣ, ки аз ҷониби Комиссияи ассотсиатсияҳои бокс эътироф шудааст, раддабандии ҷаҳонии муштзанҳои ҳаваскор ва касбиро нав кард. Дар раддабандии касбӣ муштзанҳои тоҷик, аз ҷумла баъзе варзишгарони машҳур ҳастанд. Дар байни онҳо Баҳодур Усмонов дар бокси касбии мардонаи Тоҷикистон пешсаф аст.



1. Баҳодур Усмонов. Вазн: сабук; рекорд: 12-0; синну сол: 28.

Чеҳраи маъруф дар бокси касбии тоҷик айни ҳол ӯ аст. Рекорди комили бебохт, фаъолияти мунтазам ва пешрафти боэътимод Усмоновро дар раддабандии BoxRec чун намунаи беҳтарини муштзан нишон додааст. Ӯ соҳиби суръат, матонат ва интизом, ки махсусан дар вазни сабук муҳим аст, ба ҳисоб меравад.

2. Муҳаммад Яъқубов. Вазн: сабук; рекорд: 23-1-1; синну сол: 30.

Муштзани ботаҷриба ва «меҳмони ҳамешагии» раддабандӣ аст. Шумораи зиёди муҳорибаҳо, бохтҳои ҳадди ақал ва устуворӣ дар масофа сабабҳои асосии дар ин рӯйхат ҷойи назаррасаро гирифтанаш аст. Яъқубов муддати тӯлонӣ худро ҳамчун варзишгари ҳирфаӣ муаррифӣ кардааст.

3. Шавкат Раҳимов. Вазн: сабук; рекорд: 17-2-1; синну сол: 31.

Раҳимов дар байни ҳирфаиҳо машҳуртарин ном аст. Ӯ муштзани сатҳи ҷаҳонист, ки дар хориҷа рақобат мекунад ва соҳиби рекордҳои назаррасу таҷриба дар муҳорибаҳои сатҳи баланд аст. Мавқеи ӯ дар сегонаи беҳтарин ӯву фаъолияти ӯро инъикос мекунад.

4. Авзалбек Қуронбоев. Вазн: миёна; рекорд: 11-2-1; синну сол: 31.

Қуронбоев намояндаи нодири вазни миёна дар зинаҳои болои раддабандӣ аст. Қуронбоев устувор аст, аз чиҳати чисмонӣ қавӣ ва таҷрибаи ҷаҳонӣ дорад, ки ба мавқеи ӯ дар раддабандӣ таъсири мусбат мерасонад.

5. Шуҳрат Саломатов. Вазн: сабук; рекорд: 6-0-1; синну сол: 27.

Яке аз муштзанҳое, ки дар раддабандӣ хуб баҳогузорӣ нашудааст. Шумораи муҳорибаҳояш кам аст, аммо шикастнопазирӣ ва услуби хосаш инро ҷуброн мекунад. Боло рафтани ӯ дар раддабандӣ мустақиман бо фаъолияти ӯалоқаманд аст. Дар ин раддбандӣ ҳамчунин номи Элчибек Ниёзмамадов - вазни сабук - 3-4-2 - 28; Ислом Раҳмонов - вазни сабуктарин - 5-1-0 - 21; Карокатулло Шарипов - фавқулодамиёна - 4-2-1 - 32; Хисрав Қуронбоев - вазни сабук - 3-2-1 - 29; Оятулло Яқубов - вазни сабук - 2-0-0 - 27; Маҳмадраҷаб Шарифов - вазни миёна - 4-7-0 - 29; Аҳлиддин Раҳмонов - вазни ниммиёна - 4-7-0 - 26 кг ҳаст.

Дар байни ҳаваскорон Акмал Убайдов дар панҷгонаи беҳтарин пешсаф аст, баъд аз ӯ Давлат Болтаев ва Хусравхон Раҳимов қарор доранд.

ФУТБОЛ

ТОҶИКИСТОН ДАР БАЙНИ 100 ДАСТАИ БЕҲТАРИНИ ҶАҲОН

Созмони ҷаҳонии футбол (FIFA) раддабандии навшудаи дастаҳои аъзошяро нашр кард, ки дар он дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон бо 1224,93 имтиёз дар мақоми 100-ум ҷой гирифтааст. Дар муқоиса бо раддабандии пешина, даста 1 зина боло рафтааст.



Байни дастаҳои мунтахаби узви Конфедератсияи футболи Осиё Тоҷикистон дар зинаи 17-ум аст. Пешсаф миёни тимҳои қораи Осиё Эрон (зинаи 20-ум) ва Куриёи Ҷанубӣ (22) ҳастанд. Дар даҳгонаи аввал дастаҳои Австралия (зинаи 27-ум), Ӯзбекистон (52), Қатар (56), Ирок (58), Арабистони Саудӣ (61), Урдун (64) ва Амороти Муттаҳидаи Араб (68) ҷой гирифтаанд.

10-гонаи беҳтарин (топ-10) дастаҳои ҷаҳон дар раддабандии FIFA чунин аст: 1 (1). Испания - 1877,18 имтиёз; 2 (2). Аргентина - 1873,33; 3 (3). Фаронса - 1870; 4 (4). Англия - 1834,12; 5 (5). Бразилия - 1760,46; 6 (6). Португалия - 1760,38; 7 (7). Нидерланд - 1756,27; 8 (11). Марокаш - 1736,57; 9 (8). Белгия - 1730,71; 10 (9). Олмон - 1724,15.

Дар соли 2025 дастаи мунтахаби Тоҷикистон 10 бозӣ гузаронида, дар 6-тоаш ғалаба ба даст оварда. 2 бозӣ мусовӣ анҷом ёфта, дар 2 бозӣ ба шикаст дучор шуд. Бозии наздиктарини расмии мунтахаби Тоҷикистон рӯзи 31-уми марти соли 2026 дар Ҳисор баргузор мешавад. Вохӯрӣ дар доираи давраи хотимавии марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2027 дар гурӯҳи “А” муқобили тими Филиппин аст.

ҶОМИ АФРИҚО

СЕНЕГАЛ ДАР БОЗИИ НИҲОЙ БАР МАРОКАШ ПИРӮЗ ШУД

Бозии ниҳоии Ҷоми миллатҳои Африқо дар соли 2025 миёни дастаҳои мунтахаби Сенегал ва Марокаш ба анҷом расид. Вохӯрӣ дар варзишгоҳи “Принс Мула Абдулла” дар шаҳри Работи Марокаш баргузор шуд.



Сардовари бозӣ Жан-Жак Ндала Нгамбо аз Ҷумҳурии Демократии Конго буд, ки маҳз бар сари доварии ӯ даъво пеш омад ва ҳоло Марокаш пас аз бозӣ барои пеш аз анҷоми бозӣ майдонро тарк кардани футболбозони Сенегал ба FIFA шикоят бурдааст. Вақти асосӣ бо ҳисоби мусовии 0:0 анҷом ёфт ва дар вақти иловагӣ Сенегал бо ҳисоби 1:0 ғалаба кард. Дар дақиқаи 90+24 ҳамлагари Марокаш Браим Диас аз пеналтӣ гол зада натавонист. Голи ягонаи бозӣ дар дақиқаи 94-ум аз ҷониби нимҳимоятгари Сенегал Пап Гейе зада шуд.

Дар марҳилаи нимниҳоии мусобиқа дастаи мунтахаби Сенегал дастаи Мисрро бо ҳисоби 1:0 мағлуб кард. Голи ҳалкунандаро Садио Мане ба ҳадаф расонид. Дар ин давр дастаи мунтахаби Марокаш дар силсилаи зарбаҳои пеналтӣ Нигерияро шикаст дод - 0:0 (4:2 аз рӯйи пеналтӣ).

Ҳамин тавр, тими миллии Сенегал бори дуюм ғолиби Ҷоми миллатҳои Африқо шуд. Бори аввал соли 2021 ин даста унвони қаҳрамониро дар Ҷоми миллатҳои Африқо соҳиб шуда буд. Марокаш як маротиба соли 1976 дар Ҷоми миллатҳои Африқо ғолиб шудааст. Ҷоизаи фейр-плейи мусобиқа ба тими Марокаш дода шуд. Беҳтарин дарвозабони мусобиқа Ёсин Буну аз ҳайати Марокаш гардид. Садио Мане аз ҳайати Сенегал беҳтарин бозигари мусобиқа эътироф шуд. Браҳим Диас аз ҳайати Марокаш бо 5 гол беҳтарин нишонзани мусобиқа дониста шуд.

РЕЗААХБОР



Футболбози украинӣ Дмитро Билоног аз «Вахш» ба «Истиқлол» гузашт. Шартномаи ҳамкорӣ бо Дмитро Билоног ба муддати як сол ба тасвиб расидааст. Мавсими гузаштаро Билоног дар дастаи «Вахш» гузаронида, дар Лигаи олии Тоҷикистон ба задани 8 гол даст ёфта буд ва охири мавсим беҳтарин бозигари хориҷӣ эътироф шуд.

***

Дар футболи тоҷик Марадона пайдо шуд. Ӯ нимҳимоятгари ӯзбекистонӣ Марадона Сафаров аст, ки моҳи январи соли 2026 аз Қирғизистон ба Тоҷикистон гузашт ва бо клуби футболи «Истаравшан» шартнома баст. Ин футболбоз 15-уми январи соли 1994 дар вилояти Қашқадарёи Ӯзбекистон таваллуд шудааст ва тарбиятгари академияи ҷавонони «Машъал»-и Муборак мебошад.

***

Дар қуръакашии марҳилаи муқаддамотии Ҷоми ФФТ-2026 дар минтақаи Суғд дастаҳо ба гурӯҳи «А»: «Парвоз», «Мастчоҳ», «Хуҷанд», «Эсхата» ва гурӯҳи «Б»: «Истаравшан», «Саразм», «Исфара», дар минтақаи Хатлон дастаҳо ба гурӯҳи «А»: «Ҷиликул», «Сомон», «Панҷшер», «Моҳир» ва гурӯҳи «Б»: «Сарҳадчӣ», «Ҳулбук», «Норак», «Рахш» ҷудо шуданд. Тибқи низомнома, танҳо дастаҳои ғолиби ҳар гурӯҳ ҳақи роҳхат ба марҳилаи ниҳоии мусобиқаро ба даст меоранд.

***

Дар Арабистони Саудӣ Ҷоми футболи Осиё миёни ҷавонон идома дорад. Дастаҳои мунтахаби Ҷопон ва Чин ба марҳилаи финалии Ҷоми Осиё -2026 миёни дастаҳои то 23-сола роҳ ёфтанд. Дастаҳои мунтахаби Куриёи Ҷанубӣ ва Ветнам барои ҷойи сеюм ва нишони биринҷӣ бозӣ мекунанд.

***

Бозиҳои марҳилаи гурӯҳии мусобиқаи Лигаи даъвати КФО-2026/27, ки дар он чемпиони Тоҷикистон - клуби футболи «Истиқлол» иштирок мекунад, дар моҳи октябр пешбинӣ шудааст. Рақобатҳои гурӯҳӣ ба таври муттамарказ аз 17 то 24-уми октябр баргузор мегарданд. Ғолиби мусобиқа роҳхати мустақимро ба мусобиқаи Лигаи чемпионҳо-2 дар мавсими 2027/28 ба даст меорад.



ҲИКМАТИ КОНФУТСИЙ

Ривоят мекунанд, ки зане пеши Конфутсий омад ва гуфт:

- Бигӯ, Конфутсий, чаро вақте ки як зан маъшуқи зиёд дорад, чомеа ӯро маҳкум мекунанд, вале вақте ки як мард якчанд маъшуқа дорад, ин ба назари мардум як чизи одӣ менамояд ва касе чизе намегӯяд?

Конфутсий ба пеши зан чор чойник ва панҷ пиёла гузошта, гуфт:

- Аз як чойник ба чой пиёла чой рез! Маъқул аст?

- Маъқул аст,- гуфт зан.

Конфутсий гуфт:

- Акнун аз чор чойник ба як пиёла чой рез! Маъқул аст?

- Боз ҳам зиёдтар маъқул аст,- гуфт зан.

- Беақл!,- дод зад Конфутсий,- чунин як ҳикмати хубро барбод додӣ!...

ДОРУ

- Духтур, маро шабона хоб намебарад, чунки дар сарам ҳазору як хаёл чарх зада, фикрамро парешон мекунад.

- Доруи исҳоловар нӯшед.

- Чӣ, дар ҳақиқат фоида мекунад?

- Фоида карданашро намедонаму лекин фақат дар бораи як чиз фикр мекунед...

АЙБИ ЗАН

- Ту ягон бор ҷуръат карда айбҳои занатро ба рӯяш гуфтаӣ?

- Бале.

- Бовар намекунам.

- Марҳамат, барои исботи гапам изи кафидагии сарамро бин...

ҒАМ

- Чӣ ҳол дорӣ, дӯстам?

- Занам баромада рафт.

- Зиқ нашав. Як шиша арақ гиру рафта дар танҳоӣ ғамҳоятро барор.

- Намешавад.

- Чаро? Пул надорӣ?

- Пул ҳаст, ғам нест...

ҶОЙИ КОР

- Шумо мехоҳед дар корхонаи мо кор кунед?

- Бале.

- Хуб, чӣ кор аз дастатон меояд?

- Ҳеҷ кор.

- Мутаассифона, ин ҷой банд аст...

ДАР ҚАЛБ

- Мардак, чаро худатон ҳама ҷоро мегардеду маро ҳамроҳатон намебаред? Ба тӯю тамошо, тарабхонаву боғ бе ман меравед...

- Занак, ман бе ту ба ягон ҷо намеравам. Гуфтам ку, ман туро дар дилам ҷо додаам, ҳар куҷое, ки равам, ту ҳамроҳамӣ...

Хайрулло БАСРИДДИНОВ

ИСБОТ

Мард:

- Олимон исбот кардаанд, ки мардҳо дар як рӯз 10 ҳазор калима ва занҳо як баробар зиёд, яъне 20 ҳазор калима гап мезадаанд.

Зан:

- Чунки ба шумо барин мардҳо як гапро ду бор такрор кардан лозим.

ТАШХИС

Духтур баъди муоина ба бемори сарватманде мегӯяд:

- Аз гуфтаҳои ман наранҷед, зеро ташхис нишон медиҳад, ки дилатон на дар тарафи чап, балки дар тарафи рост ҷойгир аст.

- Маро хеле хурсанд кардед,- мегӯяд марди сарватманд қаноатмандона.

НОДОН

Духтар аз падараш хоҳиш мекунад:

- Падарҷон, иҷозат диҳед, ки ман аз шавҳарам ҷудо шавам.

- Барои чӣ?,- ҳайрон мешавад падар.

- Охир, кор намекунад, илова бар ин, ҳар рӯз ба хона маст омада, маро латукӯб мекунад.

- Пас чаро бо чунин мард хонадор шудӣ?

- Нодон будаам-да...

- Дидӣ,- мегӯяд падар,- он марди бечора туро бо ҳамин нодоният зан карда гаштааст.

ХИЁНАТ

- Дӯстдоштаам ба ман хиёнат кард,- гила мекунад духтаре ба дугонааш.

- Маҳмуд ё Сорбон?,- мепурсад дугона.

- Не, Шодӣ...,- мегӯяд духтар.

- Барои чӣ?,- ҳайрон шуда, мепурсад духтур.

- Чанд сол мешавад, ки зани ҷанҷолиам қасди куштани маро дорад. Агар мабодо кордро ба тарафи чап занаду ман намирам, аз тарс худаш талхакаф шуда мемирад.

АЙФОН

Марди говфурӯше аз ҷавони айфондор мепурсад:

- Айфони дастатро чанд сомонӣ харидӣ?

Ҷавон дар ҷавоб:

- 17000 сомонӣ.

Говфурӯш:

- Ваҳ, нархи як буққа будааст ку! Мабодо аз дастат афтад, буққаат ҳаром мешавад, ҷӯра!

ХОНА

Ҷавон:

- Мастура, зани ман мешавӣ?

Духтар:

- Ба ман чӣ мехарӣ?

Ҷавон:

- Ними хонаамро ба номат мекунам!

Духтар:

- Не... Ними хонаро тоза кардан душвор аст. Беҳтараш ба ман 20 квадраташро дех!

Ҷавон:

- Эҳаааа, ҳамаи хонаамро ба ту диҳам-а?

Таҳияи НОДИРА

Сканворд

